Вазорати меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Funded by
the European Union

# СТАНДАРТИ САЛОҲИЯТҲО

Соҳа: **Саноат (коркарди металлҳо)**

Касб: **Харрот**

Рамзи касб (СБТМ-08/ISCO-08): **MI 7223**

Миқдори воҳидҳои салоҳият: **28**

Сатҳҳои Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: **2,3,4**

Тафсир: **01/соли 2024**

Рамзи умумии касб: **MI 7223-28-2,3,4-01/2024**

САЛОҲИЯТ

ТРЕНИНГ

МАҲОРАТ

ДОНИШ

РУШД

МАЛАКА

ОМӮЗИШ

ТАҶРИБА

**Стандарти салоҳиятҳои мазкур дар доираи Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия шудааст.**

**Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ҚАРОР

аз «15» 10 соли 2024 №11 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи стандартҳои салоҳияти 20 касбу ихтисосҳо

Мутобиқи талаботи банди 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби таҳия ва эътирофи стандартҳои салоҳияти ҳар як касб» Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Стандартҳои салоҳияти касбу ихтисосҳои «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ», «Занбӯриасалпарвар», «Мошиначии автокран», «Дӯзанда (либоси занона)», «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил», «Кандакорӣ дар чӯб ва пӯсти чӯб», «Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ)», «Челонгар-таъмирчии кузови автомобил», «Оператори мошини бофандагӣ», «Мошиначии булдозер», «Турагент», «Дуредгар», «Системаи компютерӣ ва Интернет-технология», «Харрот», «Оператори мошини ресандагӣ», «Мошиначии кранҳои истеҳсолоти металлургӣ», «Гаҷкори ҷузъҳои меъморӣ», «Оператори мошини турбофӣ», «Оператори мошини рангкунӣ» ва «Челонгар - барқчии нерӯгоҳи барқии обӣ» тасдиқ карда шаванд (замима мегарданд).

2. Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим» ва Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» татбиқи стандартҳои салоҳиятро дар курсҳои кӯтоҳмуддат дар Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон», корхонаҳои воҳиди давлатии назди Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва Муасиссаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба роҳ монанд.

3. Раёсати котибот ва Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазифадор карда шаванд, ки нусхаҳои электронии стандартҳои салоҳиятро дар сомонаҳои вазорат, агентӣ, лоиҳа ва муассисаҳои таълимӣ ҷой намоянд.

4. Нашр ва дастрас намудани стандартҳои салоҳият ба зиммаи Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» вогузор карда шавад.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазир – Давлатзода Қ. гузошта шавад.

Раиси Ҳайати мушовара,
вазир Г. Ҳасанзода

**ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# СТАНДАРТИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИ
# «ХАРРОТ»

Стандарти салоҳиятҳои касби «Харрот» дар ҷаласаи Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.10.2024, №31 баррасӣ гардидааст.

Стандарти салоҳиятҳои касби «Харрот» аз ташхис (экспертиза)-и корфармоён ва ассотсиатсияҳои соҳавии зерин гузаронида шудааст:

| № | Ташкилот | Ному насаб | Вазифа | Ҳуҷҷат дар бораи ташхис |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сафарзода Б. | Муовини вазир | Хулоса аз 18.06.2024, №7-1354 |
| 2. | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Душанбе Саноат» | Ҳаитов Ҳ. | Директор | Хулоса аз 14.05.2024, №32/24 |
| 3. | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Авторем» | Пиров М. | Директор | Хулоса аз 14.05.2024, №32/24 |
| 4. | КВД «Коргоҳи мошинасозӣ» | Хоҷаев Ҷ. | Директори генералӣ | Хулоса аз 14.05.2024, №30 |
| 5. | Ҷамъияти саҳомии пушидаи «Таҷҳизоти аср» (ҶСП заводи «Сомон таҷҳизот») | Раҳимов Ш. | | Хулоса аз 07.09.2024, №32/24 |

Стандарти салоҳиятҳои касби «Харрот»-ро таҳия намуданд:

| № | Ному насаб | Вазифа | Ташкилот |
|---|---|---|---|
| 1. | Каримов Саидмумин | Сармутахассиси шуъбаи таълимӣ-методӣ | Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ – методӣ ва мониторинги сифати таълим» |
| 2. | Танибеков Миралибек | Омӯзгори фанҳои тахассусӣ ва устои таълими истеҳсолӣ | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии политехникии шаҳри Душанбе» |
| 3. | Назаров Шералӣ | Харрот | ҶСК «Тоҷиктекстилмаш» |

**Модераторҳо (миёнҷиҳо):**

Данило Анишенко – коршиноси калидӣ оид ба таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва омӯзиш;

Бахтиёров Озар – супервайзер оид ба методологияи таълим дар асоси салоҳият.

## Мундарича

Ихтисорот ........ 7
Муқаддима ........ 8
Мафҳумҳои асосӣ ........ 9
Бо стандарти салоҳиятҳои касбҳо кӣ кор мекунад ........ 11
Стандартҳо ва меъёрҳои соҳа ........ 12
Тавзеҳоти умумии касби «Харрот» ........ 13
Рӯйхати воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Харрот», сатҳи 2-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 17
Малакаҳои бокортаъминкунии касби «Харрот», сатҳи 2-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 17
Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ) ........ 19
Воҳидҳои салоҳияти заминавӣ (базавӣ) ........ 32
Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ ........ 37
Ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ ........ 50
Талабот ба довталабон ........ 53
Талабот ба омӯзгорон ........ 53
Рӯйхати асбоб, таҷҳизот ва масолеҳҳои зарурӣ ........ 53
Рӯйхати воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Харрот» сатҳи 3-уми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 57
Малакаҳои бокортаъминкунии касби «Харрот», сатҳи 3-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 57
Воҳидҳои салоҳиятҳои трансверсалӣ (фароумумӣ) ........ 58
Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ ........ 67
Ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ ........ 84
Талабот ба довталабон ........ 87
Талабот ба омӯзгорон ........ 87
Рӯйхати асбоб, таҷҳизот ва масолеҳҳои зарурӣ ........ 87
Рӯйхати воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Харрот» сатҳи 4-уми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 91
Малакаҳои бокортаъминкунии касби «Харрот», сатҳи 4-уми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 91
Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ ........ 92
Ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ ........ 117
Талабот ба довталабон ........ 120
Талабот ба омӯзгорон ........ 120
Рӯйхати асбоб, таҷҳизот ва масолеҳҳои зарурӣ ........ 121
Рӯйхати адабиёт ........ 123
Замимаи 1: Харитаи функсионалии касби «Харрот» ........ 124
Замимаи 2: Хулосаҳои соҳа (экспертиза) ........ 124

# Ихтисорот

| | |
|---|---|
| **ТАС** | Таълим дар асоси салоҳият |
| **ТИКТО** | Таҳсилоти ибтидоии касбӣ-техникӣ ва омӯзиш |
| **DACUM** | Усули таҳлили функсионалӣ (аз ихтисороти «**D**eveloping **ac**urricul**um**», яъне «таҳияи барномаҳои таълимӣ») |
| **ТМТ ҶТ** | Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **СС** | Стандарти салоҳиятҳо |
| **ВС** | Воҳиди салоҳият |
| **ЭС** | Элементи салоҳият |
| **МИ** | Меъёрҳои иҷро |
| **МБ** | Малакаҳои бокортаъминкунӣ |
| **СБТМ-08/ISCO-08** | Стандарти байналмилалии таснифоти машғулиятҳо-2008 **(**International Standard Classification of Occupations-2008) |
| **ТМҶТ** | Таснифоти машғулиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **МТММСТ** | Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим |
| **МТКТ** | Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон |
| **ТИК/ICT** | Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (Information and communication technologies (ICT)) |
| **ҲМТБ** | Ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ |
| **ТС** | Салоҳиятҳои фароумумӣ (Transversial Competencies) |
| **МВ** | Салоҳиятҳои заминавии соҳаи саноат/коркарди металлҳо (Metalwork basic) |
| **MI** | Салоҳиятҳои касбии соҳаи саноат/коркарди металлҳо (Metalwork Industry) |

## Муқаддима

Тараққиёти ҳар як давлат пеш аз ҳама ба соҳаи саноат ва технология вобастагӣ дорад. Дар ҷаҳони муосир техника ва технология бо суръат пеш рафта истодааст ва тавлиди технология нав ва хизматрасонӣ ба онҳо мутахассисони соҳибтаҷрибаро талаб мекунад. Тайёр кардани чунин мутахассисон ба зимаи муасисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ вогузор гардидааст. Дар ҳамин радиф, талабот ба касби «Харрот» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд шуда истодааст.

Бо мақсади баланд бардоштани сифати тайёркунии мутахассисони касбҳои коргарӣ, ки ба талаботи корфармоён мувофиқи меъёрҳои стандартҳои байналхалқӣ ҷавобгӯй бошад, стандарти салоҳиятҳои касби «Харрот» таҳия карда шудааст.

Стандарти мазкур талаботи асосиро ба салоҳиятҳои касби мутахассиси харрот бо таҳсилоти ибтидоии касбӣ-техникӣ муқаррар мекунад.

Дар таҳияи стандарти салоҳиятҳои мазкур кормандони ҶСК «Таъмин ва сохтмони роҳҳои мошингард»-и шаҳри Душанбе (РСДМ), «Корхонаи дорои мошинасозии шаҳри Душанбе», ҶДММ «Сомон сервис»-и шаҳри Душанбе ва ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» иштирок карданд.

Стандарти салоҳияти касби «Харрот» дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки мувофиқи қонунгузорӣ ҳуқуқи роҳандозӣ намудани фаъолияти таълимӣ барои амаликунии барномаи таълимӣ доранд, истифода карда мешавад.

Стандарти салоҳиятҳои касби «Харрот» дар асоси Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон», Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби таҳия ва эътирофи стандартҳои салоҳияти ҳар як касб, Тартиби таъмини сифати тахассусҳо ва тасдиққунии тахассусҳо, Барномаи миёнамуҳлати омода кардани касбҳои коргарии зинаи таҳсилоти ибтидои ва миёнаи касбиро барои солҳои 2023-2027 ва «Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» таҳия карда шудааст.

Стандарти салоҳиятҳо талаботи тахассусиро нисбат ба касби «Харрот», ки ҷавобгӯи талаботи байналмилалӣ мебошанд, дар мувофиқа бо Стандарти байналмилалии таснифоти машғулиятҳо СБТМ-08 (ISCO-08) таъмин менамояд.

Стандарти салоҳиятҳои мазкур баробарии имкониятҳои касбиро барои духтарон/ҷавонписарон, занон/мардон пешбинӣ намуда, барои тағйир додани қолабҳо ҳангоми интихоби касб ва дар оянда бакортаъминкунии онҳо равона гардидааст.

## Мафҳумҳои асосӣ

**Бозори меҳнат** – низоми ташаккулёбии талабот ва пешниҳодот ба қувваи корӣ.

**Баҳодиҳӣ** (салоҳиятҳо) – маҷмӯи усул ва равандҳо, ки барои баҳодиҳии дастовардҳои шахс (дониш, маҳорат, малака ва муносибати ӯ, яъне салоҳиятҳо), ки одатан бо шаҳодатномадиҳӣ анҷом меёбанд.

**Воҳидҳои салоҳияти фароумумӣ** (трансверсалӣ) **–** ин салоҳиятҳои умумӣ мебошанд, ки барои бештари касбҳо ва амалан барои ҳамаи соҳаҳо заруранд.

**Воҳидҳои салоҳиятҳои заминавӣ (базавӣ)** – ин чунин салоҳиятҳое мебошанд, ки дар доираи муайяни ин ва ё он соҳа талабот доранд.

**Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ** – ин салоҳиятҳое мебошанд, ки барои иҷро намудани фаъолияти касбии мушаххас заруранд.

**Воҳидҳои салоҳиятҳои махсус** – ин салоҳиятҳое мебошанд, ки барои иҷрои фаъолияти хоси касбӣ истифода карда мешаванд.

**Воҳиди салоҳият –** ин баёноти кӯтоҳи натиҷаи вазифаҳои салоҳият мебошад, ки маълумот дар бораи дониш, маҳорат, малака ва муносибатро дорад (дар бораи мақсадҳои воҳиди салоҳият ва доираи малакаҳое, ки ба онҳо тааллуқ дорад, васеъ маълумот медиҳад).

**Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо –** барои гузаронидани баҳодиҳӣ маълумоти заруриро пешниҳод менамояд, усулҳои муносиб, захираҳои амиқ ва шароитро, ки барои гузаронидани баҳодиҳии воҳиди салоҳияти мушаххас заруранд, тавсиф менамояд. Номзад дар баҳодиҳӣ далелҳои мушаххасро пешниҳод менамояд, ки ба баҳодиҳандагон барои муайян кардан ва қабули қарор, ки оё салоҳияти муайян аз худ карда шудааст ва ё шахси мазкур корро дар ҷойи корӣ мувофиқи Стандарти салоҳиятҳои касбии тасдиқшуда иҷро карда метавонад, кӯмак мерасонад.

**Дескриптор** – (аз лотинӣ «descriptor» – тавсифкунанда) – воҳиди лексикӣ, ки барои шарҳ додани мазмуну моҳияти асосии ҳуҷҷат, истифода карда мешавад.

**Касб –** тарзи машғулият, намуди фаъолияти меҳнатие, ки тайёрии муайян, мавҷудияти донишҳои зарурӣ, маҳорат, малака ва салоҳиятнокиро талаб менамояд ва дар натиҷаи омӯзиши махсус ё таҷриба ба даст оварда мешавад.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва имкон медиҳад, ки шахс натанҳо дар шароити муқаррарӣ, балки дар шароити тағйирёбанда низ амал кунад.

**Малакаҳои бакортаъминкунӣ –** ин амалҳои бошууронаи мутахассис, ки ба мутобиқшавии бомуваффақият дар бозори меҳнат равона карда шудаанд. Маҳорати ташкил карда тавонистани донишу малакаҳои банақшагирӣ ва пешравии касбӣ, баланд бардоштани сатҳи салоҳиятҳо барои пешравии бомуваффақият дар бозори меҳнат, дар ҳамаи бахшҳо ва зинаҳои шуғлро дар бар мегирад.

**Навсонӣ (вариативӣ)** муайян мекунад:

– аҳамияти истилоҳоти асосӣ, ки дар меъёрҳои иҷро истифода мешаванд;

– навсонӣ дар вазъияти корӣ ва ҳолатҳо, ки метавонанд ба фаъолият таъсир расонанд;

– фарқияти мазмунӣ дар вобастагӣ аз воҳидҳои салоҳият ва матни муайян (чун мизоҷони меҳмонхона аз мизоҷони барои таъмири кондитсионер фарқ мекунанд);

танҳо ба воҳиди салоҳияти мушаххас дахл доранд, на ба ҳамаи воҳидҳои салоҳиятҳо дар умум.

**Стандарт (standard)** – ҳуҷҷати меъёрӣ, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдор таҳия ва тасдиқ шудааст, дар он талаботи меъёрӣ, қоидаҳо, тавсифот ё принсипҳои умумие, ки ба намудҳои гуногуни фаъолият ё натиҷаи онҳо дахл доранд, муайян карда мешаванд. Ҳадафи ин ҳуҷҷат расидан ба сатҳи беҳтарини низоми соҳаи мазкур мебошад.

**Стандарти салоҳиятҳои касб –** ин ҳуҷҷатест, ки талаботи меъёрии ҳадди аққали дониш, маҳорат, малака ва муносибат (яъне салоҳиятҳо), ки барои сатҳи муайяни тахассуси касбӣ заруранд, муайян мекунад ва шахс онҳоро бояд дар ҷойи кор дар ҳолатҳои стандартӣ ё тағйирёбанда нишон диҳад. Ҳар як кор мумкин аст, аз стандарти муқаррааргардида баландтар иҷро карда шавад, дар ҳеҷ сурат на пасттар аз он. Стандарти салоҳият ба корфармо барои муайян намудани мутобиқатии сатҳи тахассуснокӣ ба талаботи истеҳсолот ёрӣ мерасонад ва маҳорати касбии намоишдодаи шахсро эътироф намуда, доимӣ нигоҳ доштани стандарти олии касбии ӯро тасдиқ менамояд.

**Сатҳи таснифоти тахассусҳо –** ин сатҳи нишондоди мураккабии кори иҷрошаванда, мустақилият ва масъулиятнокии коргар, мувофиқ ба ҳар як сатҳ мебошад. Гузаштан аз як сатҳ ба сатҳи дигар маънии онро надорад, ки ҳамаи нишондодҳои сатҳи тахассусиро тавсифкунанда бояд фарқ кунанд: ҳар як сатҳи навбатӣ ба муносиби дараҷаи пешин мувофиқ кунонида мешавад ва воридкунии ниҳоии ҳамаи тавсифоти сатҳи пешинаро дар назар мегирад.

**СБТШ-08 (ISCO-08)** – Стандарти байналмилалии таснифоти машғулиятҳо (International Standart Classification of Occupations) соли 2008 низоми таснифот ва ҷамъбасти маълумотро дар бораи шуғли касбӣ, ки дар асоси барӯйхатгирии оморӣ ва тадқиқот гирифта шудааст, ҳамчунин истифодабарии захираҳои маъмуриро ифода мекунад.

**Салоҳият –** қобилияти истифода карда тавонистани дониш, маҳорат, малака ва муносибат барои иҷрои супориш ё ҳалли масъалаҳо дар вазъиятҳои стандартӣ ва тағйирёбанда.

**Салоҳияти касбӣ –** қобилияти истифода карда тавонистани дониш, маҳорат ва малакаҳо барои иҷрои вазифаҳои касбӣ дар вазъиятҳои стандартӣ ва тағйирёбанда.

**Салоҳиятҳои умумифарҳангӣ –** ин маҷмӯи дониш, малака, элементҳои таҷрибаи фарҳангӣ, ки ба шахс имкон медиҳанд дар муҳити иҷтимоӣ-иқтисодӣ озодона мавқеи худро муайян кунад, элементҳои онро истифода барад ва муносибати онро барои иҷрои вазифаҳои касбӣ ташаккул диҳад. Салоҳиятҳои

умумифарҳангӣ аз воҳидҳои салоҳиятҳои трансверсалӣ (фароумумӣ) ва малакаҳои бокортаъминкунӣ иборат мебошад.

**Салоҳиятнокӣ** – соҳиб будан ба дониш, малакаву маҳорат ва муносибат, ки барои фаъолияти пурсамар дар соҳаи муайян зарур аст.

**Таҳлили функсионалӣ –** ин тавсифи фаъолияти меҳнатӣ тавассути амалкард (функсия) ва натиҷаҳо мебошад. Бартарии чунин муносибат дар он аст, ки он имкон медиҳад тағйирот дар технология ва ташкили меҳнат дар бозори меҳнат фавран ба назар гирифта шавад.

**Талаботи бозори меҳнат** – эҳтиёҷоти корфармоён ба қувваи корӣ аз рӯи гурӯҳҳои мушаххаси касб ва намудҳои машғулият.

**Тахассус** (квалификатсия) – камолоти касбии шахс ва дараҷаи омодагии он барои иҷрои намудҳои корҳои мушаххас, ки бо мавҷудияти салоҳиятҳои аз ҷониби корфармоён эътирофшуда муайян гардида, бо ҳуҷҷати намунаи давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

**Таснифоти миллии тахассусҳо (ТМТ)** – ҳуҷҷати меъёрие, ки чаҳорчӯбаҳоро муайян ва ҳамаи ихтисосҳои дар сатҳи миллӣ эътирофшударо идора менамояд. Таснифоти миллии тахассусҳо дорои чаҳорчӯбаҳое мебошад, ки аз якчанд сатҳ иборат буда, ҳар яки онҳо дар нишондиҳандаҳо (дискрипторҳо)-и салоҳиятҳо, ки алоқаҳои тахассусии байнибахширо дар бар мегиранд, тасвиф карда шуда, ҳамчунин додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи соҳиб шудан ба ихтисос дар он роҳандозӣ карда мешавад.

**Таълим дар асоси салоҳият** – муносибат ба таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва омӯзиш, ки ба чӣ тавр дар ҷойи кор шахс корро иҷро карда метавонад, такя мекунад.

**Харитаи функсионалии касб** – ин инъикоси амалкард (функсия)-ҳои асосӣ, ки касби мазкурро ташкил медиҳанд, вазифаҳои ба ин амалкард (функсия)-ҳо дохилгардида ва амалҳои воқеӣ барои иҷро намудани супориш ва ҳалли масъалаҳо дар ҷойи кор, дар шароитҳои тағйирёбанда равона карда шудаанд.

## Бо стандарти салоҳиятҳои касбҳо кӣ кор мекунад

– Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян кардани самаранокии амалиёти сохтори ТИКТО ҶТ, таъсиррасонии он ба болоравии иқтисодии давлат, яъне алоқа бо бозори меҳнат;

– мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр, ноҳия барои рушди минтақаи худ;

– дар бахши таҳсилоти ибтидоии касбӣ-техникӣ ва омӯзиш;

– омӯзгорон барои донистани он, ки чиро ба таълимгирандагон омӯзонанд;

– таълимгирандагон, барои донистани он, ки чӣ хел ва чиро меомӯзанд;

– маъмурияти муассисаҳои таълимӣ барои донистани он, ки оё сатҳи тайёрии омӯзгорон ва хатмкунандагон ба талаботи бозори меҳнат мувофиқат мекунад ё не;

– корфармоён, ки стандартҳои салоҳиятҳоро барои такмили тахассуси касбии кормандон истифода мекунанд, то ин ки ба кормандон дар самти мутобиқшавӣ ба малакаву маҳорат ва донишҳои тағйирёбанда ва салоҳиятнокии онҳо бо сабаби дигаргуниҳои дар технологияи истеҳсолот бамиёномада тавсияҳо диҳанд;

– шаҳрвандони алоҳида, ки мехоҳанд маълумоти касбӣ гиранд ё сатҳи тахассусии касбии худро ба таври инфиродӣ такмил диҳанд;

– шаҳрвандоне, ки мустақилона таълим гирифтаанд ва мехоҳанд ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (сертификат ё шаҳодатнома) гиранд;

– оила, волидони таълимгирандагон, ки мехоҳанд фаҳманд, чиро ва чӣ хел фарзандони онҳо таълим мегиранд, пас аз хатми таълим онҳо ба чӣ кор машғул мешаванд;

– шаҳрвандоне, ки мехоҳанд ба ҷойи кории дигар гузаранд;

– шаҳрвандоне, ки мехоҳанд норасоиҳои худро дар дониш, малака, маҳорат ва муносибат, яъне салоҳиятҳои худ бартараф намоянд;

– шаҳрвандоне, ки фаъолияти соҳибкории худро васеъ кардан мехоҳанд;

– шаҳрвандоне, ки коргарони беҳтарин шудан мехоҳанд ва ғайра.

## Стандартҳо ва меъёрҳои соҳа

Дар соҳаи саноат/коркарди металлҳо айни замон стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрии зерин қабул шудаанд ва амал мекунанд:

– СД (ГОСТ) Т 52001-2002 «Харротӣ. Истилоҳот ва муайянкунӣ»;

– СД (ГОСТ) 8-82 Дастгоҳи металлбурӣ. Талаботи умумӣ барои санҷишҳои дақиқ;

– СД (ГОСТ) 6636-69 Меъерҳои асосии ивазшавӣ. Андозаи хаттии муқаррарӣ;

– СД (ГОСТ) 8026-92 Ҷадвалҳои санҷишӣ. Шартҳои техникӣ;

– СД (ГОСТ) 12595-2003 Дастгоҳи металлбурӣ. Нӯги шпинделҳои намуди флансегӣ, навъи А ва флансҳои дастгоҳи фишурда. Андозаҳои асосӣ ва пайвасткунанда;

– СД (ГОСТ) 22267-76 Дастгоҳи металлбурӣ. Схемахо ва усулҳои ченкунии параметрҳои геометрӣ;

– СД (ГОСТ) 24643-81 Меъёрҳои асосии ивазшавӣ. Таҳаммулпазирии шакл ва ҷойгиршавии сатҳҳо. Арзишҳои ададӣ;

– СД (ГОСТ) 25346-89 Меъёрҳои асосии ивазшавӣ. Системаи ягонаи таҳаммулпазирӣ ва фуруд. Муқарраротӣ умумӣ, қатори таҳаммулпазирӣ ва качравиҳои асосӣ;

– СД (ГОСТ) 25443-82 Дастгоҳи металлбурӣ. Намунаи маҳсулот барои санҷиши дурустии коркард. Талаботи умумии техникӣ;

– СД (ГОСТ) 25889.1-83 Дастгоҳи металлбурӣ. Усулҳои санҷиши даврии намунаи маҳсулот;

– СД (ГОСТ) 25889.4-86 Дастгоҳи металлбурӣ. Усули санҷиши доимии диаметри намуна-маҳсулот;

– СД (ГОСТ) 1654-86 Челон (патрон)-ҳои харотии таъиноти умумӣ. Шартҳои умумии техникӣ;

– СД (ГОСТ) 2848-75 Конусҳои асбобҳо. Иҷозат. Усулҳо ва воситаҳои назорат.

## Тавзеҳоти умумии касби «Харрот»

Харрот дар ҷарайни фаъолияти кораш як қатор вазифа ва уҳдадориҳоро, ки маҷмӯи салоҳиятҳои муайянро талаб намуда, имкон медиҳад, ки фаъолияти босифат ва саривақт дар доираи ин касб роҳандозӣ карда шавад.

Барои фаъолияти бомуваффақияти кор, харрот донишу малакаи зарурӣ оид ба хусусиятҳои касб, ки ба ӯ вобаста аст, бояд дошта бошад. Харрот ҳангоми фаъолияти худ бояд коркарди қисмҳои маҳсулоти металлӣ бо истифодаи технологияи мошинасозиро дар дастгоҳҳои фулузбурии харротӣ анҷом диҳад.

Дар ҷойи кор харрот ҳатман дастури техникаи бехатарӣ ва ҳифзи меҳнатро донад ва аз муоинаи тиббӣ гузашта бошад.

Баъдан, ин чорабиниҳо мунтазам на кам аз як маротиба дар як сол гузаронида мешаванд.

Харрот бояд дар вақти корӣ бо либос ва пойафзоли махсус кор кунад. Мавҷуд набудани лавозимотҳои муҳофизатӣ - вайронкунии қоидаҳои бехатарӣ дар истеҳсолот ба ҳисоб меравад. Қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва бехатариро аз сӯхторо бояд риоя намояд.

Харрот бояд намудҳои гуногуни дастгоҳҳои ҳарротиро истифода бурда тавонад. Коркарди ҷузъҳо дар дастгоҳи харротӣ бо истифодаи асбобҳои бурранда ва махсусгардонида, коркарди қисмҳои одӣ ва мураккаби ҷузъҳо, коркарди ҷузъҳои тунукиашон то 1 мм ва дарозиашон то 200 мм ва ҳаракатнакунанда, сӯрох кардан ва тарошидан ба воситаи парма ва дигар олотҳои махсусро иҷро карда тавонад.

Илова бар ин, харрот бояд коркарди сатҳҳои дарунӣ ва берунии силиндирӣ, буридани рахпечҳои дарунӣ ва берунӣ бо теғаҳои рахпечбур, буридани рахпечҳои секунҷа, росткунҷа ва трапетсияшакл, коркарди сатҳои махрутӣ, тарошидан ва сайқал додани қисмҳои дарунӣ ва берунии сатҳи качхата, коркарди сатҳои муқарнас, истифодабарии асбобҳои ченкунанда ва назоратиро донад ва иҷрои онҳоро таъмин намояд. Ҷойи кори харрот доим тоза ва ба талаботи касб ҷавобгӯ бошад.

## Рӯйхати умумии воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Харрот»

| Сатҳи Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Рамзи воҳидҳои салоҳиятҳо | Номгӯйи воҳидҳои салоҳиятҳо |
|---|---|---|
| 2 | Воҳидҳои салоҳиятҳои трансверсалӣ (фароумумӣ) | |
| | ТС-01-1/01 | Гузаштан аз муоинаи тиббӣ |
| | ТС 03-1/01 | Кор кардан дар даста ва бо мизоҷон/ фармоишгарон |
| | ТС 04-2/01 | Расонидани ёрии аввалия |
| | ТС 05-2/01 | Истифода бурдани технологияи иттилоотӣ-компютерӣ |
| | Воҳидҳои салоҳиятҳои заминавӣ (базавӣ) | |
| | МВ 01-1/01 | Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ |
| | МВ 02-2/01 | Муошират кардан бо забонҳои хориҷӣ дар сатҳи заминавӣ |
| | Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ | |
| | МІ 7223-01-2/01 | Омода намудани дастгоҳ ба кор |
| | МІ 7223-02-2/01 | Мувофиқ намудани дастгоҳ барои иҷрои корҳои харротӣ |
| | МІ 7223-03-2/01 | Мустаҳкам намудани намуна дар дастгоҳ (сентровка) |
| | МІ 7223-04-2/01 | Иҷро намудани корҳои равғанмолии дастгоҳи харротӣ |
| | МІ 7223-05-2/01 | Анҷом додани раванди корӣ |
| 3 | Воҳидҳои салоҳиятҳои трансверсалӣ (фароумумӣ) | |
| | ТС 04-3/01 | Ҳалли ҳолатҳои мунокишавӣ |
| | ТС 05-3/01 | Такмил додани тахассуси касбӣ |
| | Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ | |
| | МІ 7223-06-3/01 | Тартиб додани харитаи технологӣ |
| | МІ 7223-07-3/01 | Тайёр намудани масолеҳ аз рӯйи нақша |
| | МІ 7223-08-3/01 | Гузаронидани санҷиши корҳои иҷрошуда |
| | МІ 7223-09-3/01 | Коркард намудани намунаи аввалия |
| | МІ 7223-10-3/01 | Интихоб намудани реҷаи суръати гардиши патрон |
| | МІ 7223-11-3/01 | Интихоб намудани масолеҳ барои пармакунӣ |
| 4 | Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ | |
| | МІ 7223-12-4/01 | Коркард намудани масолеҳ тибқи андозаҳои додашуда |
| | МІ 7223-13-4/01 | Интихоб намудани теғаҳои муқарнас ва махрутӣ |
| | МІ 7223-14-4/01 | Коркард намудани сатҳи муқарнас аз рӯйи қолаб |
| | МІ 7223-15-4/01 | Коркард намудани сатҳи муқарнас бо теғаҳои махсус |
| | МІ 7223-16-4/01 | Коркард намудани сатҳи муқарнас бо роҳи |

| | | |
|---|---|---|
| | | якҷоякунии ду теға |
| | MI 7223-17-4/01 | Коркард намудани сатҳи нимдавраи филиз |
| | MI 7223-18-4/01 | Буридани рахпечҳои даруна ва беруна |
| | MI 7223-19-4/01 | Чен кардани рахпеч бо асбобҳои ченкунанда |
| | MI 7223-20-4/01 | Муайян намудани шакл, намуд ва қутри рахпеч |

Вазорати меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Funded by
the European Union

# СТАНДАРТИ САЛОҲИЯТҲО

Соҳа: **Саноат (коркарди металлҳо)**

Касб: **Харрот**

Рамзи касб (СБТМ-08/ISCO-08): **MI 7223**

Миқдори воҳидҳои салоҳият: **11**

Сатҳи Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: **2**

Тафсир: **01/соли 2024**

## Рӯйхати воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Харрот», сатҳи 2-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Рамзи воҳидҳои салоҳиятҳо | Номгӯйи воҳидҳои салоҳиятҳо |
|---|---|
| Воҳидҳои салоҳиятҳои трансверсалӣ (фароумумӣ) | |
| ТС-01-1/01 | Гузаштан аз муоинаи тиббӣ |
| ТС 03-1/01 | Кор кардан дар даста ва бо мизоҷон/ фармоишгарон |
| ТС 04-2/01 | Расонидани ёрии аввалия |
| ТС 05-2/01 | Истифода бурдани технологияи иттилоотӣ-компютерӣ |
| Воҳидҳои салоҳиятҳои заминавӣ (базавӣ) | |
| МВ 01-1/01 | Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ |
| МВ 02-2/01 | Муоширaт кардан бо забонҳои хориҷӣ дар сатҳи заминавӣ |
| Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ | |
| МІ 7223-01-2/01 | Омода намудани дастгоҳ ба кор |
| МІ 7223-02-2/01 | Мувофиқ намудани дастгоҳ барои иҷрои корҳои харротӣ |
| МІ 7223-03-2/01 | Мустаҳкам намудани намуна дар дастгоҳ (сентровка) |
| МІ 7223-04-2/01 | Иҷро намудани корҳои равғанмолии дастгоҳи харротӣ |
| МІ 7223-05-2/01 | Анҷом додани раванди корӣ |

## Малакаҳои бокортаъминкунии касби «Харрот», сатҳи 2-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Малакаҳои бокортаъминкунӣ | Малакаҳое, ки корфармоён ҳамчун зарурӣ муайян мекунанд |
|---|---|
| Муоширате, ки ба самаранок ва мутаносиб будани муносибатҳо байни ҳамкорон ва мизоҷон/фармоишгарон мусоидат менамояд | - гӯш кардан ва шунидан;<br>- бо забони модарӣ ва дигар забонҳо сухан рондан ва навиштан;<br>- мубодилаи иттилоот кардан;<br>- риоя кардани одоб дар муносибат бо ҳамкорон/мизоҷон;<br>- бо забони хориҷӣ дар сатҳи миёна муошират кардан. |
| Кор дар даста, ки ба муносибатҳои кории самаранок ва дастоварди натиҷаҳо мусоидат менамояд | - муайян кардани нақши худ дар ҳайати даста;<br>- муайян кардани тарафҳои қавии аъзоёни даста;<br>- дар даста дар ҳолатҳои гуногун кор кардан, мисол дар ҳалли масъалаҳои бухронӣ;<br>- суботкор (настойчивый)будан. |
| Маҳорати ҳал намудани мушкилоте, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои самаранок мусоидат менамояд | - зоҳир намудани мустақилият ва ташаббускорӣ дар ошкор ва ҳал кардани мушкилот;<br>- қарорҳои эҷодкорона ва инноватсионӣ таҳия кардан;<br>- истифодаи як қатор стратегия барои ҳалли мушкилот;<br>- фавран ва самаранок ҳал намудани мушкилоти мизоҷон. |
| Ташаббус ва уҳдабарой, ки барои бадастоварии натиҷаҳоиинноватсионӣ мусоидат менамояд | - эҷодкорӣ ва идроки эҷодӣ;<br>- зоҳир намудани ташаббускорӣ ва уҳдабарой;<br>- омода будан ба инноватсия;<br>- дастгирӣ кардани қарорҳои инноватсионӣ. |
| Банақшагирӣ ва ташкили | - гузоштани мақсадҳои мушаххас ва натиҷаҳои лоиҳа/кор; |

| | |
|---|---|
| фаъолияте, ки банақшагирии стратегии дарозмуҳлат ва кӯтоҳмуддатро таъмин менамояд. | - таҳияи нақша/барномаҳои стратегӣ, дарозмуддат ва ҷорӣ;<br>- банақшагирии кор ва истифодаи захираҳо;<br>- идоракунии вақт ва афзалиятҳо;<br>- ҳамоҳангсозии вазифаҳо барои худ ва дигарон;<br>- пешбурди баҳисобгирӣ. |
| Худидоракуние, ки ба қаноатмандӣ ва рушди кормандон мусоидат менамояд | - мавҷудияти диди шахсӣ ва мақсадҳо;<br>- боварии қатъӣ ба ғояҳо ва диди шахсӣ;<br>- масъулиятнокӣ;<br>- устувории ахлоқӣ;<br>- риояи этика ва эстетика. |
| Омӯзише, ки ба мунтазам ташаккулёбии фаъолияти кормандон/ширкатҳо ва ноил шудан ба натиҷаҳои мусбӣ мусоидат менамояд | - эътирофи зарурияти таълим бо назардошти тағйиротҳо;<br>- омода будан ба сарфи вақт ва сайю кӯшиш ба омӯхтани малакаҳои нав;<br>- хоҳиши таълим дар ҷойи кор ва берун аз он;<br>- самимӣ барои ғояҳо ва усулҳои нав;<br>- идоракунии худомӯзӣ;<br>- истифодаи таълим ба масъалаҳои «техникӣ» (масалан,омӯзиши маҳсулот) ва «мушкилоти одамон» (масалан, ҷанбаҳои байнишахсиятӣ ва фарҳангии кор);<br>- иштирок дар равандҳои ташаккулёбии пайваста. |
| Технологияе, ки барои ҳалли самараноки вазифаҳо мусоидат менамояд | - доштани малакаҳои заминавии технологияи иттилоотӣ;<br>- хоҳиши аз худ кардани малакаҳои нави технологияи иттилоотӣ;<br>- доштани донишҳо оид ба ҳифзи меҳнат, санитарияи истеҳсолӣ ва беҳдошт барои истифодабарии технологияҳо;<br>- доштани тавоноии ҷисмонии мувофиқ;<br>- риояи техникаи бехатарӣ;<br>- интихоб ва истифодабарии воситаҳои ҳимоявӣ барои бехатарии шахсӣ ва коллектив дар ҷойи корӣ;<br>- қоидаҳои ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ ва чорабиниҳои зиддисӯхтор ҳангоми кор бо дастгоҳҳои барқӣ;<br>- қоидаҳои ҷудокунӣ ва коркарди пасмондаҳо. |

# Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ)

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Гузаштан аз муоинаи тиббӣ** | **ТС 01-1/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди омодагӣ ва гузаштан аз муоинаи тиббиро бо мақсади таъмин намудани саломатӣ барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ, ошкор ва табобати саривақтии беморӣ ва пешгирӣ аз онро тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми ба кор қабул шудан;<br>- гузаштани муоинаи тиббии нақшавӣ ва ғайринақшавӣ тибқи ҷадвали ташкилот. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- маҳорати баён кардани мақсади худ;<br>- маҳорати гӯш кардан ва шунидан;<br>- маҳорати таҳлили тавсияҳои хаттӣ. | |

| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
|---|---|
| 1. Шиносоӣ бо тартиби гузаштан аз муоинаи тиббӣ | 1.1. Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳо оид ба гузаштани муоинаи тиббӣ.<br>1.2. Шиносоӣ бо***намудҳои муоинаи тиббӣ***тибқи ҷадвали тасдиқшуда. |
| 2. Гузаштан аз муоинаи тиббӣ | 2.1. Гузаштани муоинаи тиббии муқаддимавӣ, ҳатмӣ, даврӣ ва ғайринавбатӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда.<br>2.2. Пешниҳод намудани маълумотнома/дафтарчаи беҳбудсозӣ (санитарӣ) баъди батасвибрасонӣ ба корхона/ташкилот. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани беҳдошт (гигиена)-и шахсӣ;<br>- гирифтани маълумот оид ба гузаштани муоинаи тиббӣ;<br>- гузаштани муоинаи тиббии муқаддимавӣ, ҳатмӣ, даврӣ ва ғайринавбатӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда;<br>- пешниҳод намудани маълумотнома/дафтарчаи беҳбудсозӣ (санитарӣ) баъди батасвибрасонӣ ба корхона/ташкилот. |
| Донишҳои талабшаванда: | - муқаррарот оид ба қонунгузории меҳнат;<br>- маълумотнома/ дафтарчаи беҳбудсозӣ (санитарӣ) ва вазифаи он;<br>- қоидаҳои гузаштан аз муоинаи тиббӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- боинтизом;<br>- бомасъул;<br>- бовиҷдон. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳоҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1. Шиносоӣ бо тартиби гузаштан аз муоинаи тиббӣ | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳо оид ба гузаштани муоинаи тиббӣ | | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Шиносоӣ бонамудҳои муоинаи тиббӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда | | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Гузаштан аз муоинаи тиббӣ | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Гузаштани муоинаи тиббии муқаддимавӣ, ҳатмӣ, даврӣ ва ғайринавбатӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда | | | | | | | | | | | √ |
| 2.2. Пешниҳод намудани маълумотнома/дафтарчаи беҳбудсозӣ (санитарӣ) баъди батасвибрасонӣ ба корхона/ташкилот | | | | | | | | | | | √ |

## **Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Намудҳои муоинаи тиббӣ:*** | - муқаддимавӣ;<br>- ҳатмӣ;<br>- даврӣ;<br>- ғайринавбатӣ. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Кор кардан дар даста ва бо мизоҷон/фармоишгарон** | **ТС 03-1/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур корҳои умумии мақсадноки даста, ки вазифаи умумиро бо қоидаҳои муқаррарнамудаи ташкилот ҳал мекунад, тавсиф менамояд. Коргарон дар комёбиҳои даста манфиати шахсӣ доранд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми кор дар коллективи ҳар ташкилот/корхона. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- вуҷуд надоранд. | |

| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ)-и ВС |
|---|---|
| 1. Муайян кардани мақсад ва вазифаҳо | 1.1. Муайян кардани мақсад ва вазифаҳои кор дар даста якҷоя бо ҳамкорон.<br>1.2. Муайян кардани ҷойкунонии афзалиятҳо ва иҷрои масъалаҳои алоҳида дар муҳлати таъиншуда.<br>1.3. Мувофиқа ва мутобиқ кардани уҳдадориҳои инфиродӣ барои ноилшавӣ ба мақсадҳои гузошташуда. |
| 2. Кор кардан дар даста | 2.1.Изҳори боварӣ кардан, дастгирӣ ва эҳтиром нисбати аъзоёни даста дар фаъолияти ҳаррӯза.<br>2.2. Эътирофи ***фарқиятҳои фарҳангӣ*** дардаста.<br>2.3. Ҳангоми зарурат истифода бурдани ёрии дигар аъзоёни даста.<br>2.4. Эътино (муассирӣ) ба робитаи мутақобила ва иттилоот аз ҷониби дигар аъзоёни даста. |
| 3. Риоя кардани одоб ва зебоӣ (этика ва эстетика) | 3.1. Муоширaт намудан бо ҳамкорон боадабона, хушмуомила.<br>3.2. Истифода бурдани забон ва лаҳни мутобиқ ба вазъияти зикршуда дар робитаи хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ.<br>3.3. Истифода бурдани ***муошират гайришифоҳии*** мувофиқ.<br>3.4. Таҳаммулпазирӣ нисбат ба фарқиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ.<br>3.5. Истифодаи усулҳои фаъоли гӯш кардан.<br>3.6. Интихоби воситаи робитаи мувофиқ вобаста аз вазъияти муайян.<br>3.7. Истифодаи боодобонаи воситаҳои робита тибқи протоколҳои стандартӣ ва расму тартиби ташкилӣ. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - муошират, алоқаманд ба шунидан (гӯшдиҳӣ);<br>- савол додан;<br>-муошират хаттӣ, возеҳ ва кӯтоҳ навиштани паём, қайдҳо, мактубҳо;<br>- ба шахси вазифааш баландтар итоат кардан;<br>- ба дарккунӣ кӯшиш кардан;<br>- бо атрофиён эҳтиромона муносибат кардан;<br>- ошкор ва воқиф шудан ба вазъияти муноқишавӣ, шикоятҳо дар доираи масъулият;<br>- дар даста кор кардан;<br>- гӯш додан ва шунавидан;<br>- малакаҳои заминавии босаводона хондан;<br>- малакаҳои худидоракунӣ. |
| Донишҳои талабшаванда: | - мақсад ва вазифаҳои кор дар даста якҷоя бо ҳамкорон;<br>- бартариҳои кор дар даста;<br>- воситаҳои робитавӣ;<br>- принсипҳои кори даста;<br>- тавсифот, усул ва меъёрҳои истифодаи воситаҳои гуногуни муошират;<br>- намудҳои қабул ва қоидаҳои рафтор дар онҳо;<br>- мафҳуми этика ва ахлоқ;<br>- одоби сӯҳбат ва маданияти нутқ;<br>- симои зоҳирӣ;<br>- ҳусни рафтори расмӣ ва сиёсӣ; |

| | |
|---|---|
| | - тарзи рафтор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ҷойи кор;<br>- одоби сӯҳбатҳои телефонӣ бо мизоҷон ва ҳамкорон;<br>- калима, ибора ва услуби сӯҳбати телефонӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | - ба шахси вазифааш баландтар итоат кардан;<br>- ба дарккунӣ кӯшиш кардан;<br>- бо атрофиён эҳтиромона муносибат кардан.<br>Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- покизакор;<br>- масъул;<br>- уҳдабаро;<br>- меҳрубон;<br>- ташаббускор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳоҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Муайян кардани мақсад ва вазифаҳо | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Муайян кардани мақсад ва вазифаҳои кор дар даста якҷоя бо ҳамкорон | | | | | | | | | | | √ |
| 1.2. Муайян кардани ҷойкунонии афзалиятҳо ва иҷрои масъалаҳои алоҳида дар муҳлати таъиншуда | | | | | | | | | | | √ |
| 1.3. Мувофиқа ва мутобиқ кардани уҳдадориҳои инфиродӣ барои ноилшавӣ ба мақсадҳои гузошташуда | | | | | | | | | | | √ |
| Элементи 2. Кор кардан дар даста | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Изҳори боварӣ кардан, дастгирӣ ва эҳтиром нисбати аъзоёни даста дар фаъолияти ҳаррӯза | | | | | | | | | | | √ |
| 2.2. Эътирофи ***фарқиятҳои фарҳангӣ*** дар даста | | | | | | | | | | | √ |
| 2.3. Ҳангоми зарурат истифода бурдани ёрии | | | | | | | | | | | √ |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| дигар аъзоёни даста | | | | | | | | | | | |
| 2.4. Эътино (муассирӣ) ба робитаи мутақобила ва иттилоот аз ҷониби дигар аъзоёни даста | | | | | | | | | | | √ |
| Элементи 3: Риоя кардани одоб ва зебоӣ (этика ва эстетика) | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Муоширaт намудан бо ҳамкорон боадабона, хушмуомила | √ | | | | | | | | | | |
| 3.2. Истифода бурдани забон ва лаҳни мутобиқ ба вазъияти зикршуда дар робитаи хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ | √ | | | | | | | | | | |
| 3.3. Истифода бурдани муоширати ғайришифоҳии мувофиқ | √ | | | | | | | | | | |
| 3.4. Изҳори таҳаммулпазирӣ нисбат ба фарқиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ | √ | | | | | | | | | | |
| 3.5. Истифодаи усулҳои фаъоли гӯш кардан | √ | | | | | | | | | | |
| 3.6. Интихоби воситаи робитаи мувофиқ вобаста аз вазъияти муайян | √ | | | | | | | | | | |
| 3.7. Истифодаи боодобонаи воситаҳои робита тибқи протоколҳои стандартӣ ва расму тартиби ташкилӣ | √ | | | | | | | | | | |

## **Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Фарқиятҳои фарҳангӣ:*** | - намудҳои саломдиҳӣ, хайрбод ва гуфтугӯ;<br>- забони имову ишораҳо;<br>- махсусияти услубҳои миллии муомилаи корӣ;<br>- махсусияти муносибати байнифарҳангӣ. |
| ***Муошират ғайришифоҳӣ:*** | - забони имову ишора;<br>- риоя кардани фосилаи муайян байни шарикон. |

| | |
|---|---|
| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
| **Расонидани ёрии аввалия** | **ТС 04 – 2/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур малака ва донишҳои заруриро барои расонидани ёрии аввалия ва нигаҳдории ҳаёт дар давраи то расонидани ёрии тиббӣ тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми арзёбии ҳолатҳои руҳдода, бартараф кардани таваккалҳои мушаххас, хавф ва захмҳои ба он алоқаманд. | |

| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- ТС 03 – 1/01 Кор кардан дар даста ва бо мизоҷон/фармоишгарон. | |
|---|---|
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
| 1. Арзёбии ҳолати рухдода | 1.1. Арзёбии вазъият ва кам кардани ***хатар,*** ба вуҷуд оварандаи таваккали захмгирӣ ё беморӣ барои худ ва дигарон.<br>1.2. Ошкор кардани ҳодисаи нохуш, захм, беморӣ ва арзёбии ҳолати ҷабрдида.<br>1.3. Даъват намудани ёрии таъҷилӣ.<br>1.4. Оромона ба ҷабрдида дар бораи ҳолати ӯ иттилоъ дода, таскин намудан.<br>1.5. Истифода бурдани ашё ё таҷҳизоти дастрас барои худро бароҳат ҳис кардани ҷабрдида.<br>1.6. Бо ҷабрдида босаброна муошират карда, ҳамдардӣ ва эҳтиром зоҳир намудан. |
| 2. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми осеб дидан аз барқ ва раъд | 2.1. Бартараф намудани таъсири омилҳои хавфнок (аз таъсири ҷараёни барқӣ озод кардан, хомӯш кардани либосҳои сӯхта, аз об дур кардани ҷабрдида ва ғайра).<br>2.2. Муайян намудани характери зарари ба ҳаёти ҷабрдида бештар таҳдидкунанда.<br>2.3. Иҷро намудани пайдарпайии амалҳо оид ба наҷот додани ҷабрдида. |
| 3. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми хунравӣ | 3.1. Расонидани ёрӣ дар боздошти хунравӣ.<br>3.2. Истифодаи фишоровари мустақим ба ҷароҳат. |
| 4. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми шикасти устухон | 4.1. Беҳаракат кардани қитъаи шикаст.<br>4.2. Карахт кардани қитъаи шикаст.<br>4.3. Тахтачабандӣ (шинагузорӣ) кардани узви шикастаи бадан. |
| 5. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми ғарқшавӣ | 5.1. Додани нафаси сунъӣ.<br>5.2. Гузаронидани масҳи мустақим ба қафаси сина. |
| 6. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми нафасгиршавӣ | 6.1. Истифода бурдани усули Геймлих.<br>6.2. Такрор кардани усул то аз нойи нафас баромадани монеа. |
| 7. Расонидани ёрии аввалия зимни сӯхтан | 7.1. Баровардан ба ҷойи бехатар.<br>7.2. Коркарди ҷойи сӯхта. |
| 8. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми зарбхӯрии майна | 8.1. Санҷидани нишонаҳои зарбхӯрӣ.<br>8.2. Муайян кардани нишонаҳо (азҳушравӣ, аз даст додани тамоюлот, хирашавии хотира, сарчархзанӣ, дилбеҳузурӣ). |
| 9. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми осеб дидани сутунмуҳра | 9.1. Иҷрои амали дуруст ҳангоми гумонбарии осеби сутунмухра.<br>9.2. Зоҳир намудани эҳтиёткорӣ ҳангоми додани нафаси сунъӣ. |
| 10. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми ҳолатҳои фаврии ғайримуқаррарӣ | 10.1. Расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи дил.<br>10.2. Расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи асаб.<br>10.3. Расонидани ёрӣ ҳангоми заҳролудшавӣ. |
| 11. Иттилоъ додан ба кормандони тиб оид ба расонидани ёрӣ | 11.1. Иттилоъ додан оид ба вақт ва чораҳои андешида.<br>11.2. Иттилоъ додан оид ба доруворихои истифодашуда. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарии барқӣ;<br>- муайян намудани хатарҳои барқӣ; |

| | |
|---|---|
| | - бартараф намудани хатарҳои ба ҳаёти инсон таҳдидкунанда;<br>- истифода намудани дастурамалҳо оид ба истифодабарии асбобу таҷҳизоти барқӣ;<br>- арзёбии вазъият ва кам кардани хунравӣ;<br>- ошкор кардани ҳодисаи нохуш, захм ва арзёбии ҳолати ҷабрдида;<br>- даъват намудани ёрии таъҷилӣ;<br>- иттилоъ додан оид ба доруворихои истифодашуда;<br>- оромона ба ҷабрдида дар бораи ҳолати ӯ иттилоъ дода, таскин намудан;<br>- истифода бурдани ашё ё таҷҳизоти дастрас барои худро бароҳат ҳис кардани ҷабрдида;<br>- бо ҷабрдида босаброна муошират карда, ҳамдардӣ ва эҳтиром зоҳир намудан;<br>- истифода намудани тахтача/чӯбча барои мустаҳкам кардани шикаст;<br>- додани нафаси сунъӣ;<br>- масҳ кардани дил ва қафаси сина;<br>- хондан, фаҳмидани дастурамал ва истифода бурдани он;<br>- истифодаи воситаҳои сӯхторхомӯшкунӣ;<br>- расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи дил;<br>- расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи асаб;<br>- расонидани ёрӣ ҳангоми заҳролудшавӣ. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои техникаи бехатарии барқӣ;<br>- хатарҳои барқии ҳангоми кор рухдода;<br>- қоидаҳои бартарафкунии хатарҳои ба ҳаёти инсон таҳдидкунанда;<br>- амалҳо оид ба наҷот додани ҷабрдида;<br>- дастури Ҳилоли Аҳмар оид ба принсипҳои расонидани ёрии аввалия;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия ҳангоми хунравӣ;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия ҳангоми шикасти устухон;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия ҳангоми ғарқшавӣ ва нафасгиршавӣ;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия зимни сӯхтан;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия ҳангоми зарбхӯрии майна ва осеб дидани сутунмуҳра;<br>- монеашавии роҳҳои нафасгирӣ/нафастангӣ;<br>- сӯхтан (ҳароратӣ, кимиёвӣ, барқӣ, соишхӯрӣ);<br>- қоида ва тартиби додани нафаси сунъӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- покизакор;<br>- масъул;<br>- уҳдабаро;<br>- мушфиқ;<br>- раҳмдил. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Арзёбии ҳолати рухдода | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Арзёбии вазъият ва кам кардани ***хатар,*** ба вуҷуд оварандаи таваккали захмгирӣ ё беморӣ барои худ ва дигарон | | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Ошкор кардани ҳодисаи нохуш, захм, беморӣ ва арзёбии ҳолати ҷабрдида | | | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Даъват намудани ёрии таъҷилӣ | | | | √ | | | | | | | |
| 1.4. Оромона ба ҷабрдида дар бораи ҳолати ӯ иттилоъ дода, таскин намудан | | | | | | | | | √ | | |
| 1.5. Истифода бурдани ашё ё таҷҳизоти дастрас барои худро бароҳат ҳис кардани ҷабрдида | | | | | | | | | √ | | |
| 1.6. Бо ҷабрдида босаброна муошират карда, ҳамдардӣ ва эҳтиром зоҳир намудан | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 2:Расонидани ёрии аввалия ҳангоми осеб дидан аз барқ ва раъд | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Бартараф намудани таъсири омилҳои хавфнок (аз таъсири ҷараёни барқӣ озод кардан, хомӯш кардани либосҳои сӯхта, аз об дур кардани ҷабрдида ва ғайра) | | | | | | | | | √ | | |
| 2.2. Муайян намудани характери зарари ба ҳаёти ҷабрдида бештар таҳдидкунанда | | | | | | | | | √ | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2.3. Иҷро намудани пайдарпайии амалҳо оид ба наҷот додани ҷабрдида | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 3:Расонидани ёрии аввалия ҳангоми хунравӣ | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Расонидани ёрӣ дар боздошти хунравӣ | | | | | | | | | √ | | |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ ҳангоми тоза кардани ҷойи корӣ; |

| | |
|---|---|
| | - қоидаҳои истифода намудани асбобҳои тозакунӣ;<br>- қоидаҳои истифода намудани чангакҳои тарошаҷамкунӣ;<br>- тартиби ҷобаҷогузории асбобҳои корӣ дар такягоҳ ва ҷевонҳо;<br>- тарзи истифода намудани аробачаи тарошапартоӣ;<br>- қоидаҳои гузаронидани санҷиши ҳолати коршоямии дастгоҳ;<br>- дастурамалҳо оид ба истифодаи воситаҳои шустушӯӣ кимиёӣ барои тоза намулани дастгоҳ;<br>- тартиби қайд намудан дар дафтар оид ба ҳолати техникии дастгоҳ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- масъул;<br>- ташкилотчӣ;<br>- ташаббускор;<br>- тозакор;<br>- меҳнатдӯст. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элементҳо ва меъёрҳои ичро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот/case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Гузоштани асбобҳои корӣ дар ***такягоҳи анборкунӣ*** | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Ҷудо намудани дастгоҳ аз манбаи ҷараён | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Ҷо ба ҷо гузоштани асбобҳои корӣ ва теғаҳои харротӣ вобаста ба ҳаҷм, намуди онҳо дар такягоҳ ва ҷевон | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Тайёр намудани асбобҳои тозакунии ҷойи кор | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Тоза кардани ҷойи кори харротӣ | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Тоза намудани дастгоҳ аз ***тарошаҳо (стружка)*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Тоза кардани қисмҳои дастгоҳ аз равған ва тафолаҳо ба воситаи моеъҳои шустушӯӣ ва кимиёвӣ | √ | | | √ | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2.3. Ҷавобгӯ намудани ҷойи корӣ ба ***талаботҳои техникии меҳнат*** | √ | | | √ | | | | | | |
| 2.4. Қайд намудан дар дафтар оид ба ҳолати техникии дастгоҳ | √ | | | √ | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Такягоҳи анборкунӣ*** - ин: | - дар истеҳсолот вобаста ба шароити гуногун, дар ҷойи кори харрот такяҳо барои анборкунӣ ва ҷевон барои ҷойгиркунии асбобҳо гузошта мешавад. Такяҳои анборкунӣ тибқи тартиб (ГОСТ 3.1109-73) бояд дар тарафи рости харрот ҷойгир карда шаванд. |
| ***Тарошаҳо (стружка)*** - ин: | - сатҳи болои аз намуна канда гирифташударо ҳангоми коркарди механикӣ, тароша меноманд. Тароша намудҳои зерин дорад:<br>*1. тарошаи ҷузъӣ*- тарошае, ки ҳангоми коркард бо реҷаи буриши суръати паст ва диҳишу чуқурии бариши зиёд ба амал меояд;<br>*2. тарошаи зинагӣ*- тарошае, ки ҳангоми коркард бо реҷаи буриши суръати миёна ва диҳишу чуқурии бариши зиёд ба амал меояд;<br>*3. тарошаи морпеч*- тарошае, ки ҳангоми коркарди пулодҳои мулоим, мис, сурб бо суръати баланд ҳосил мешавад;<br>*4. тарошаи тасмагӣ*- тарошае, ки ҳангоми коркарди маводи аз пӯлоди одӣ ва часпакиаш зиёд бо реҷаи буриши суръати кам ба амал меояд;<br>*5. тарошаи канда-канда* - тарошае, ки ҳангоми коркарди чӯян, оршиша бо реҷаи буришҳои суръати гуногун ба амал меояд. |
| ***Талаботҳои техникии меҳнат (ТТМ)*** - ин: | - ба талаботҳои техникии меҳнат (ТТМ) дохил мешавад: лоиҳакашии ҷойи корӣ, ашёи корӣ, таҷҳизоти харротӣ, асбоҳои бурранда ва андозагирӣ, намуна ва ҷузъҳои тайёр, танзими ҳуҷҷатҳои техникӣ (нақша ва корти технологӣ) ва ғайра. |

## Ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ

**Ҳифзи меҳнат**

Ба кори мустақилонаи харротӣ шахсоне иҷозат дода мешаванд, ки синнашон 18 сола ва аз он боло аст, аз муоинаи тиббӣ, дастурдиҳии муқаддимавӣ, омӯзиш ва таҷрибаҳосилкунӣ дар ҷойи кор, санҷиши дониши талаботи ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ гузаштаанд ва дорои тахассуси мувофиқ мебошанд.

Харрот вазифадор аст:

- иҷро кардани он корҳое, ки дар дастурамали корӣ муқаррар гаридааст;
- иҷро кардани қоидаҳои дохилии тартиботи меҳнати корхона;
- истифода бурдани воситаҳои ҳимоявии инфиродӣ ва коллективӣ;
- риоя кардани талаботи ҳифзи меҳнат;
- фавран хабардор кардани роҳбари бевосита ё болоӣ оид ба ҳама гуна ҳолатҳои хатарнок ба ҳаёт ва саломатии одамон таҳдидкунанда, оид ба ҳар як ҳодисаи нохуш, бад шудани вазъи саломатии худ, аз ҷумла зоҳир шудани аломатҳои шадиди бемории касбӣ;
- гузаштан аз омӯзиши усул ва тарзҳои бехатари иҷрои корҳо ва расонидани ёрии аввалия ба зарардида дар истеҳсолот, дастурдиҳӣ оид ба ҳифзи меҳнат, санҷиши дониши қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;
- гузаштан аз муоинаи тиббии ҳатмии даврӣ (дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ), инчунин, муоинаи ғайринавбатии тиббӣ бо роҳхати корфармо дар ҳолатҳои пешбинишудаи Кодекси меҳнат ё дигар қонунҳо;
- тавонистани расонидани ёрии аввалияи тодухтурӣ ба зарардидагон аз ҷараёни барқ ва дигар ҳодисаҳои нохуш;
- тавонистани истифодабарии воситаҳои аввалияи сӯхторхомӯшкунӣ.

Ҳангоми кори харротӣ метавонанд омилҳои истеҳсолии хатарнок ва зараровари зерин таъсир расонанд:

- равшаннокии нокифояи минтақаи корӣ;
- нокифоягии равшании табиӣ;
- серчангиву ғубор, газолудии ҳавои минтақаи корӣ;
- ҳарорати баланди сатҳи таҷҳизот, масолеҳ;
- ҳарорати баланд ё пасти ҳавои минтақаи корӣ;
- нӯгҳои тез, дағал, буғурӣ ва шахшӯлиҳо дар сатҳи нимтайёрҳо, асбобу абзор ва таҷҳизот;
- аҳамияти баланди ҷараён дар занҷири барқӣ;
- зарбаи ҷараёни барқ ва ғайра.

Харрот мутобиқи меъёрҳои намунавии соҳавӣ ва шартномаи коллективӣ бояд ройгон бо либосу пойафзоли махсус ва дигар воситаҳои ҳимоявии инфиродӣ таъмин бошад.

Техникаи бехатарӣ

Дастурдиҳӣ оид ба техникаи бехатарӣ ба чанд намуд ҷудо мешаванд. Таснифоти дастурдиҳӣ оид ба техникаи бехатарӣ – ин марҳилаи муҳими фаъолияти ҳар як ширкат, корхона, аз ҷумла муассисаҳои таълимии таҳсилоти

ибтидоии касбӣ- техникӣ маҳсуб меёбад. Дастурдиҳӣ тақсим мешавад, аз рӯи мақсад, тавсифот, муҳлат, шахси мансабдор, инчунин, аз ваколатдори онро гузаронанда. Ҳама масъалаҳои таъмини бехатарӣ дар истеҳсолотро мутахассиси дорои тахассуси муайяншуда ҳал мекунад.

*Дастурдиҳии муқаддимавиро* оид ба техникаи бехатарӣ муҳандиси техникаи бехатарӣ ё мутахассиси дипломдор, оне ки иҷрои ин гуна уҳдадорӣ тибқи фармон вакалатдор шудааст, мегузаронад. Ба дастурдиҳии муқаддимавӣ метавонанд, мутахассисони масъули бехатарии тиббӣ ва зиддисӯхтор ҷалб шаванд.

Дастурдиҳии муқаддимавӣ оид ба техникаи бехатарӣ ба ҳамаи кормандони ба кор оғознамуда, новобаста аз собиқаи корӣ, синну сол, сатҳи таҳсилот гузаронида мешавад. Он барои таълимгирандагоне, ки таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ мегузаранд, инчунин барои кормандони сафари хизматиомада ва муваққатӣ ҳатмӣ мебошад.

Дастурдиҳӣ оид ба техникаи бехатарӣ бояд маълумотро оид ба ҳама воситаҳои ҳимоявии коллективона ва инфиродии дар корхона вуҷуддошта, инчунин тартиби додани онҳоро инъикос намояд. Ба дастурдиҳии мазкур масъалаҳои расонидани ёрии аввалия ба шахсони зарардида ҳангоми сӯхтор ё дигар ҳодисаҳои нохуш дарҷ мегарданд. Ин намуд дастурдиҳӣ ба кормандон дар утоқи техникаи бехатарӣ гузаронида мешавад ва истифодаи воситаҳои техникии омӯзиш ва воситаҳои айёниро дар назар мегирад.

Хусусияти дастурдиҳии аввалия аз он иборат аст, ки он на дар утоқи мутахассиси техникаи бехатарӣ, балки бевосита дар ҷойи корӣ гузаронида мешавад. Шахсоне, ки вазифодоранд, онро гузаранд:

- кормандони нав, аз ҷумла, кормандони кироя;
- кормандони дар ду ё якчанд ҷой коркунанда тариқи шартномаи муҳлатнок;
- кормандани сафари хизматиомада;
- таълимгирандагони дар таҷрибаомӯзии истеҳсолибуда;
- дигар шахсони дар фаъолияти корхона иштироккунанда.

*Дастурдиҳии такрориро* на кам аз як маротиба дар ним сол мегузаронанд. Санаи гузарониш дар журнали дастурдиҳии техникаи бехатарӣ сабт карда мешавад.

Ин чорабиниҳои мазкур дар доираи ТИКТО аҳамияти махсусро доранд. Масалан, пеш аз гузаронидани машғулиятҳои амалӣ дар муассисаҳои таълимӣ, омӯзгор дар ҳар як дарс алгоритми амалҳои таълимгирандагонро такрор мекунад, саволҳои дар мавзӯи дастурдиҳӣ дахлдоштаро медиҳад. Ин чорабинӣ таваккали бавуҷудоии ҳодисаҳои нохушро дар машғулиятҳои амалӣ паст мекунад, омӯзгорро аз ҳолатҳои нохуш, алоқаманд бо вайрон кардани дастурҳои додаи ӯ аз ҷониби таълимгирандагон, эмин медорад.

*Дастурдиҳии ғайринақшавӣ* дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

- ҳангоми мақоми қонунӣ гирифтани тағйиротҳои ба ҳифзи меҳнат дахлдор дар қонунгузории ватанӣ;
- ҳангоми тағйирёбии раванди технологӣ дар истеҳсолот:
- дар сурати навкунии (модернизатсия) таҷҳизот ва механизмҳо;

- ҳангоми вайронкунии талаботи ҳифзи меҳнат, ки он ба садама ва ҳодисаи нохуш овардааст;

- бо талаботи мақомоти назоратӣ ва шахсони мансабдор;

- ҳангоми танаффус дар кор зиёда аз сӣ рӯз - барои вазифаҳои дорои омилҳои зараровар ва хатарнок, шаст рӯз - барои дигар кормандон;

- бо қарори шахсии кордиҳанда.

*Дастурдиҳии мақсаднок* дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

- ҳангоми корҳои якмаротиба;

- ҳангоми амалӣ кардани чорабиниҳои оммавӣ дар корхона;

- бартараф кардани садамаҳо, ҳолатҳои фавқулодда.

Мундаричa ва ҳаҷми он аз ҳолати мушаххас муайян карда мешавад.

Харрот - дастурдиҳиро ҳар бор пеш аз иҷрои вазифаи додашуда мегузаронад.

Ба харрот омилҳои зайли хавфнок ва зараррасон метавонад таъсир расонад.

- равшании нокифоя дар минтақаи корӣ;

- садо ва ларзиши баланди таҷҳизотҳои коркунанда;

- зиёд шудани ҳавои газолудшуда дар минтақаи корӣ;

- хавфи ҷароҳатгирӣ ҳангоми истифодабарии таҷҳизотҳои болобардор (телфер);

- хавфи ҷароҳатгирӣ ҳангоми марказкунони, маҳкамкунӣ ва тарошакории масолеҳ;

- хавфи асбобҳои барқии нуқсондошта дар дастгоҳи харротӣ;

- хавфи истифодабарии воситаҳои ҳимоявӣ нуқсондошта (либосҳои маҳсуси, айнакҳои ҳимоявӣ, асбоҳои маҳкамкунанда ва марказкунанда).

Харрот бо либосҳои махсус, воситаҳои ҳимояви инфиродӣ ва тибқи меъёрҳои тасдиқнамудаи роҳбари корхона, таъмин карда мешавад.

Ба харрот аз тарафи корхона дода шавад:

- либосҳои махсуси харротӣ;

- тозкулоҳ;

- сипари ҳимоявӣ ё ин, ки айнакҳои ҳимояи чашм;

- мӯзаҳои махсуси чармин;

- дастушак;

- гушмонакҳои садохомушкунанда (наушник).

Харрот вазифадор аст:

- қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии корхонаро риоя кунад;

- қоидаҳои санитарияи истеҳсолӣ, беҳдошти меҳнат ва ҳифзи муҳити зистро риоя кунад;

- талаботи дастурамал оид ба ҳифзи меҳнат ва дигар дастурамалҳое, ки дониши онҳо барои мутобиқатӣ ба уҳдадориҳои мансабӣ ҳатмӣ аст, иҷро кунад;

- талаботи зиддисӯхтори корхонаро риоя кунад;

- оид ба ҳамаи ҳодисаҳои нохуш ба роҳбари бевоситаи худ хабар диҳад.

## Дастурдиҳӣ ба таълимгирандагон

Вобаста ба тахассус, гузаронидани дастурдиҳии таълимгирандагон талаботҳои худро дорад. Мисол, омӯзгори таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ пеш аз ҳар

машғулиятҳои амалӣ ба таълимгирандагон дастурдиҳии ҷориро оид ба ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ мегузаронад ва дар журнали техникаи бехатарӣ оид ба гузаронидани он қайд мекунад.

Ғайр аз ин, намудҳои махсуси дастурдиҳӣ мавҷуд аст, ки пеш аз баромадан ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ гузаронида мешаванд. Иҷозати шахсоне, ки аз дастурдиҳӣ, аз омӯзиш ва санҷиши дониш оид ба ҳифзи меҳнат нагузаштаанд, ба таҷрибаомӯзӣ баромадан манъ аст.

## Талабот ба довталабон

Хоҳишмандоне, ки мехоҳанд касби «Харрот»-ро омӯзанд ва салоҳияти сатҳи 2 - юми ТМТ Ҷумҳурии Тоҷикистонро азхуд кунанд, бояд ба талаботи умумии зерин ҷавобгӯ бошанд:

– ҷисмонӣ ва равонӣ солим бошад;

– ҳуҷҷатҳоро мувофиқи талаботи муассисаи таълимӣ пешниҳод намояд;

– аз муоинаи тиббӣ гузарад.

## Талабот ба омӯзгорон

Омӯзгороне, ки сатҳи 2-юми ТМТ Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯйи касби «Харрот» меомӯзонанд, бояд ба талаботи умумии зерин ҷавобгӯ бошанд:

- доштани донишҳои касбии дидактикӣ ва методологияи ТАС;
- методикаи таълими салоҳиятҳоро донанд;
- на кам аз 3 соли таҷрибаи кории харротиро дошта бошанд;
- ҷисмонӣ ва равонӣ солим бошанд;
- сатҳи тахассуси омӯзгорон аз сатҳи 3-юми ТМТ Ҷумҳурии Тоҷикистон паст набошад;
- аз муоинаи тиббӣ гузаранд.

## Рӯйхати асбоб, таҷҳизот ва масолеҳҳои зарурӣ

Номгӯйи асбоб, таҷҳизот ва масолеҳҳои зарурӣ барои таълими на зиёда аз 25 таълимгиранда (∞ - ҳангоми зарурат).

| **Асбобҳо** | Теъдод | **Таҷҳизот** | Теъдод | **Маводи сарфшаванда** | Теъдод |
|---|---|---|---|---|---|
| Калидҳо барои маҳкам ва васл кардан | 2 маҷмӯъ | Харротӣ | 2 адад | Латтапора | 10 метр |
| Амбур | 2 адад | Пармакунӣ | 2 адад | Пулод | 100 метр |
| Болға | 2 адад | Тезкунии асбоҳои харроти сангчарх | 2 адад | Латун | 100 метр |
| Суян | 2 адад | Суфтакунӣ | 2 адад | Воситаҳои шустушӯӣ | |
| Сумбода | 2 адад | Фрезронӣ | 2 адад | Равғанҳои молиданӣ | |
| Мурваттоб | 2 адад | Марказкунанда | 2 адад | Бур | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Парма | 2 адад | Телфер (болобардор) | 2 адад | Маводи лаҳимкорӣ | |
| Болгарка | 2 адад | Асбобҳои ченкунанда | 2 адад | Либосҳои махсус | 25 дона |
| Маҷмӯи калидҳои шашқира | 2 адад | Хаткашак | 2 адад | Воситаҳои ҳимоявӣ | 25 дона |
| Арраи оҳанбурӣ | 2 адад | Штангенпорггол | 2 адад | Маводи равғанмолӣ | |
| Пармаҳои марказкунанда | 2 адад | Умуқсанҷ | 2 адад | Собун | 2 адад |
| Марказ | 2 адад | Алқа (скоба) | 2 адад | Сангчархҳо тезкунии асбобҳо | 2 адад |
| Теғаҳои тарошакорӣ | 2 адад | Микрометр | 2 адад | | |
| Теғаҳои рахпечбурӣ | 2 адад | Нутромер | 2 адад | | |
| Теғаҳои муқарнас | 2 адад | Рахпесанҷи шонадор | 2 адад | | |
| Қолабҳо | 2 адад | Калибр | маҷмӯъ | | |
| Штангенпаргор | 2 адад | Қолабҳо | маҷмӯъ | | |
| Микрометр | 2 адад | Индикатор | маҷмӯъ | | |
| Қутрҳо (ҳалқа ва пук) | 5 маҷмӯъ | Зовиясанҷҳои ҳамакора | 2 адад | | |
| Парголҳои нишонагузорӣ | 5 дона | | | | |
| Асбоби рахпечбури берунӣ (плашки) | 2 адад | | | | |
| Нишонагузор (метчик) | 2 адад | | | | |
| Рахпеч буркапакхо | 2 адад | | | | |
| Асбобҳои ченкунандаи рахпечсанҷ | 2 адад | | | | |
| Хаткашак | 2 адад | **Таҷҳизоти таълимӣ** | | **Лавозимоти конселярӣ** | |
| Исканапарма | 2 адад | Флипчарт | 1 адад | Маркер | 10 адад |
| Люнетка | 2 адад | Экран | 1 адад | Қалам | 25 адад |
| Шиканҷа | 2 адад | Тахтаи интерактивӣ | 1 адад | Коғаз барои чоп | 2 баста |
| Ғелонаки сатҳи чиндор | 2 адад | Компютерҳо | 1 адад | **Маводи таълимӣ** | |
| Сангчархҳо тезкунии асбобҳо | 2 адад | Проектор | 1 адад | Дастурамалҳо | 25 адад |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Индикатор | 2 адад | Сканер | 1 адад | Китоб | 25 адад |
| Зовиясанҷҳои ҳамакора | 2 адад | Принтер | 1 адад | Стандарти салоҳиятҳо | 5 адад |
| Асбобҳои равғанмолӣ (шприц) | 2 адад | | | Барномаи таълимии модулӣ | 5 адад |

Вазорати меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Funded by
the European Union

# СТАНДАРТИ САЛОҲИЯТҲО

Соҳа: **Саноат (коркарди металлҳо)**

Касб: **Харрот**

Рамзи касб (СБТМ-08/ISCO-08): **MI 7223**

Миқдори воҳидҳои салоҳият: **8**

Сатҳи Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: **3**

Тафсир: **01/соли 2024**

САЛОҲИЯТ

ТРЕНИНГ

МАҲОРАТ

ДОНИШ

РУШД

МАЛАКА

ОМӮЗИШ

ТАҶРИБА

## Рӯйхати воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Харрот» сатҳи 3-уми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Рамзи воҳидҳои салоҳиятҳо | Номгӯйи воҳидҳои салоҳиятҳо |
|---|---|
| Воҳидҳои салоҳиятҳои трансверсалӣ (фароумумӣ) | |
| ТС 04-3/01 | Ҳалли ҳолатҳои мунокишавӣ |
| ТС 05-3/01 | Такмил додани тахассуси касбӣ |
| Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ | |
| MI 7223-06-3/01 | Тартиб додани харитаи технологӣ |
| MI 7223-07-3/01 | Тайёр намудани масолеҳ аз рӯйи нақша |
| MI 7223-08-3/01 | Гузаронидани санҷиши корҳои иҷрошуда |
| MI 7223-09-3/01 | Коркард намудани намунаи аввалия |
| MI 7223-10-3/01 | Интихоб намудани реҷаи суръати гардиши патрон |
| MI 7223-11-3/01 | Интихоб намудани масолеҳ барои пармакунӣ |

## Малакаҳои бокортаъминкунии касби «Харрот», сатҳи 3-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

| **Малакаҳои бакортаъминкунӣ** | **Малакаҳое, ки корфармоён ҳамчун зарурӣ муайян мекунанд** |
|---|---|
| Муоширате, ки ба самаранок ва мутаносиб (мавзун) будани муносибатҳо байни ҳамкорон ва мизоҷон/фармоишгарон мусоидат менамояд | - муошират бо ҳамкорон ва мизоҷон/фармоишгарон барои мушаххас муайян кардани талаботи онҳо;<br>- пешниҳоди иттилооти мушаххас ва аниқ ба мизоҷон/фармоишгарон барои бадаст овардани ҳамдигарфаҳмӣ;<br>- мубодилаи иттилоот бо ҳамкорон;<br>- тафсир (интерпретатсия)-и шарҳи иттилооти шифоҳӣ ва хаттӣ оид ба талаботи мизоҷ барои таъмини кори самаранок. |
| Кор дар даста, ки ба муносибатҳои кории самаранок ва дастоварди натиҷаҳо мусоидат менамояд | - кор бо менеҷерони корхона ва таъминкунандагон;<br>- фаҳмиши мақсадҳо барои бадастории сифати хизматрасонӣ;<br>- фаҳмиши нақши шахсӣ дар даста барои қонеъ гардонидани талаботи ҳамкорон ва мизоҷон;<br>- кор кардан ба сифати аъзои даста барои бадастории мақсадҳои гузошта. |
| Маҳорати ҳал намудани мушкилоте, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои самаранок мусоидат менамояд | - пешбинӣ ва мушаххас кардани мушкилот, ки метавонанд дар раванди фаъолият бавуҷуд оянд;<br>- ҳал кардани мушкилот бо роҳи тасҳеҳи қобили қабул мутобиқ ба талабот ва дархости мизоҷон;<br>- масъулият аз ҳалли мустақилонаи мушкилот ё муроҷиат ба менеҷерон ва роҳбарони корхона бо ин мақсад;<br>- муайянкунии қаблии мушкилоти бахрабардории пояи моддӣ-техникӣ. |
| Ташаббус ва уҳдабарой, ки барои бадастоварии натиҷаҳои инноватсионӣ (навоварона) мусоидат | - зоҳир намудани ташаббускории зарурӣ дар хизматрасонии ҳамкорон ва мизоҷон барои таъмин намудани кори самаранок;<br>- мутобиқшавӣ ба вазъият ва мушкилоти бавуҷудомада бо |

| | |
|---|---|
| менамояд | роҳи ташаббускорӣ ва амалӣ кардани қарорҳои эҷодӣ;<br>- беҳтар кардани сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ барои корхона ва мизоҷони он. |
| Банақшагирӣ ва ташкили фаъолияте, ки банақшагирии стратегии дарозмуҳлат ва кӯтоҳмуддатро таъмин менамояд. | - ҷамъи иттилоот оид ба мизоҷон, маҳсулот ва таъминкунандагон бо таҳлили минбаъда барои таъмини кори самаранок;<br>- ҷамъ, ҷудо, таҳлил ва ҷамъбаст кардани иттилооти махсуси мувофиқ барои қонеъ гардонидани дархост/талаботи дастаи муайяни мизоҷон;<br>- иштирок барои мунтазам беҳтар кардан ва ташаккул додани фаъолият бо дарназардошти муваффақият ва норасоиҳои маҳсулот/хизматрасониҳои пешниҳодшуда. |
| Худидоракуние, ки ба қаноатмандӣ ва рушди кормандон мусоидат менамояд | - дарк кардани уҳдадориҳои худ ва нақши шахсӣ;<br>- ташкили самараноки вақти кории худ;<br>- муқаррар ва ҷобаҷокунии афзалиятҳо дар фаъолияти худ;<br>- таҳлили натиҷаҳои кори худ оид ба хизматрасонӣ нисбат ба талаботи мизоҷон/фармоишгарон ва ҳамкорон;<br>- робитаи мутақобила бо роҳбарият. |
| Омӯзише, ки ба мунтазам ташаккулёбии фаъолияти кормандон/ширкатҳо ва ноил шудан ба натиҷаҳои мусбӣ мусоидат менамояд | - дарккунии дониш ва малакаҳои шахсӣ, паҳлӯҳои қавӣ ва заифи худ ҳамчун мутахассис;<br>- масъулият барои рушди шахсии касбӣ;<br>- ҷустуҷӯи иттилоот ва имкониятҳои таълим бо истифодаи як қатор воситаҳо барои мунтазам ва фаъолона нав кардани донишҳои умумӣ ва махсус оид ба хизматрасонӣ. |
| Технологияе, ки барои ҳалли самараноки вазифаҳо мусоидат менамояд | - дарки имконияти технологияҳои муосир барои омодагӣ ва пешниҳоди хизматрасонии сифатноки мизоҷон;<br>- маҳорати интихоб ва истифодаи технологияҳои самаранок мувофиқи мақсад ва вазифаҳо. |

## Воҳидҳои салоҳиятҳои трансверсалӣ (фароумумӣ)

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Ҳалли ҳолатҳои муноқишавӣ** | **ТС 06–3/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди ҳал ва батанзимории мунокишаҳоро, ки метавонад дар ҳолатҳои рӯзмарраи корӣ рух диҳад, тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- дар ҷойи кор. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- ТС 03–1/01 Кор кардан дар даста ва бо мизоҷон/фармоишгарон. | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
| 1. Муайян намудани ҳолатҳои мунокишавӣ | 1.1. Муайян намудани эҳтимоли ***ҳолатҳои рухдиҳии мунокиша*** ва андешидани чораҳои пешгирии он.<br>1.2. Муайян намудани ***ҳолатҳо, ки дар он метавонад ба бехатарии шахсии мизоҷон, ҳамкорон*** ва ба роҳ мондани ёрии мувофиқ таҳдид кунад. |
| 2. Ҳал намудани ҳолатҳои | 2.1. Ба уҳда гирифтани масъулияти ҳалли мунокиша дар |

| | |
|---|---|
| мунокишавӣ | доираи ваколатҳои хеш.<br>2.2. Эҳтиёткорона идора кардани ҳолати мунокишавӣ ва андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф кардани онҳо.<br>2.3. Истифода намудани ***малакаҳои самараноки иртибот*** барои батанзимории мунокиша.<br>2.4. Пешниҳод намудани вариантҳои эҳтимолии ҳалли мунокиша.<br>2.5. Истифода намудани ***усулҳои*** маъқули ***батанзимории мунокишаҳо*** барои идоракунии ҳолати мунокишавӣ ва қабули қарори дуруст. |
| 3. Арзёбӣ намудани ҳолатҳои мунокишавӣ | 3.1. Тартиб даровардани ҳуҷҷат оид ба батанзимории мунокиша дар ҳузури тарафҳои манфиатдор.<br>3.2. Муайян намудани ***сабабҳои эҳтимолии мунокишаҳо*** ва пешниҳоди дастур барои беҳтар кардани вазъият дар ҷойи корӣ. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - муайян намудани тафсилот ва сабабҳои мунокиша бо роҳи мушоҳида, пурсуҷӯ ва фаъолона гӯш додан;<br>- пайдо намудани ҳалли мушкилиҳои ошкоршуда;<br>- ҳал намудани масъалаҳое, ки сабаби мунокиша мегарданд;<br>- додани тавсияҳо ҷиҳати бартараф кардани мунокишаҳо;<br>- истифода намудани малакаҳои муносиби муошират;<br>- амал кардан тибқи тартиби баррасии шикоятҳо;<br>- шинос шудан бо ҳуҷҷатҳо ва дастурҳо оид ба батанзимории мунокиша дар хузури тарафҳои манфиатдор. |
| Донишҳои талабшаванда: | - назарияи мунокиша: намуд ва нишонаҳои мунокиша, сабабҳои рухдиҳии онҳо ва ғ.;<br>- равандҳои гурӯҳӣ ва нақшҳое, ки одамон дар мунокиша мебозанд;<br>- равандҳои гурӯҳӣ ва нақшҳое, ки одамон дар мунокиша мебозанд;<br>- сохти ташкилӣ, маданият ва принсипҳои рафтор дар ҷойи корӣ;<br>- усулҳои маъқули батанзимории мунокишаҳо;<br>- талаботи меъёрӣ, истеҳсолӣ ва қонунгузории мувофиқ, марбут ба ҳалли баҳсу мунозира;<br>- қоидаҳо ва тартиби батанзимории мунокиша дар ҳузури тарафҳои манфиатдор;<br>- қоидаҳои одоби муошират касбӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- покизакор;<br>- бовиҷдон;<br>- адолатхоҳ;<br>- мутмаин. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо аз рӯйи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Муайян намудани ҳолатҳои munоқишавӣ | | | | | | | | | | | |
| Муайян намудани эҳтимоли ***ҳолатҳои рухдиҳии муноқиша*** ва андешидани чораҳои пешгирии он | | | | | | | | | √ | | |
| Муайян намудани ***ҳолатҳо, ки дар он метавонад ба бехатарии шахсии мизоҷон, ҳамкорон*** ва ба роҳ мондани ёрии мувофиқ таҳдид кунад | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 2: Ҳал намудани ҳолатҳои муноқишавӣ | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Ба уҳда гирифтани масъулияти ҳалли муноқиша дар доираи ваколатҳои хеш | | | | | | | | | √ | | |
| 2.2. Эҳтиёткорона идора кардани ҳолати муноқишавӣ ва андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф кардани онҳо | | | | | | | | | √ | | |
| 2.3. Истифода намудани ***малакаҳои самараноки иртибот*** барои батанзимории муноқиша. | | | | | | | | | √ | | |
| 2.4. Пешниҳод намудани вариантҳои эҳтимолии ҳалли муноқиша | | | | | | | | | √ | | |
| 2.5. Истифода намудани ***усулҳои*** маъқули ***батанзимории муноқишаҳо*** барои идоракунии ҳолати муноқишавӣ ва қабули қарори дуруст | | | | | | | | | √ | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 3: Арзёбӣ намудани ҳолатҳои мунокишавӣ | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Тартиб даровардани ҳуҷҷат оид ба батанзимории муноқиша дар ҳузури тарафҳои манфиатдор | | | | | | | | | √ | | |
| 3.2. Муайян намудани ***сабабҳои эҳтимолии муноқишаҳо*** ва пешниҳоди дастур барои беҳтар кардани вазъият дар ҷойи корӣ | | | | | | | | | √ | | |

## **Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| Ба ***“ҳолатҳои рухдиҳии муноқиша”*** марбут аст: | - шикояти мизоҷон/фармоишгарон;<br>- беэҳтиромӣ нисбат ба ҳамкорон/ мизоҷон;<br>- мушкилот ё сифати пасти маҳсулот;<br>- андармонӣ ё иштибоҳ дар таъмини мол;<br>- нофаҳмӣ ё монеаҳои иртиботӣ. |
| ***Ҳолатҳое, ки дар он метавонад ба бехатарии шахсии мизоҷ ва ҳамкорон таҳдид намояд***: | - шарикони таҳти таъсири маводи наъшаовар ва машрубот;<br>- ашхоси изҳоркунандаи зӯроварӣ ё таҳдиди хатар;<br>- ашхоси мусаллаҳ ё беяроқ;<br>- ҳолате, ки одам дигар шахсро меранҷонад;<br>- шариконе, ки риояи оромиро инкор мекунанд. |
| ***Ба малакаҳои самараноки иртибот*** марбут аст: | - бодиққат гӯшдиҳӣ;<br>- методикаи пурсупоси боназокат;<br>- савол додан, аниқ кардани нофаҳмиҳо барои қабули иттилоот ва дарки фаҳмиши мувофиқ;<br>- дигар хел баён ё такрор кардани саволҳо, хоҳиш ва аризаҳо барои мутмаин шудан, дуруст фаҳмидан;<br>- боваринокӣ;<br>- иртиботи ғайришифоҳӣ;<br>- қобилияти возеҳ гуфтан барои фаҳмида шудан. |
| ***Ба усули батанзимории муноқишаҳо*** марбут аст: | - ҳалли мушкилот;<br>- бурдани музокирот;<br>- истифодаи малакаҳои муносиби муоширот. |
| ***Сабабҳои эҳтимолии бавуҷудоии муноқишаҳо:*** | - муошироти дурушт;<br>- набудани иттилоот;<br>- нофаҳмиҳои фарҳангӣ;<br>- набудани ҳамдардӣ;<br>- шикоятҳо;<br>- мушкилот ва вазнинӣ дар ҷойи корӣ. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Такмил додани тахассуси касбӣ** | **ТС 07–3/01** |
| Воҳиди салоҳиятҳои мазкур натиҷаи малакаҳо, дониш ва муносибатҳои заруриро ҷиҳати рушди тафаккури таҳлилӣ ва эҷодӣ, такмили тахассуси касбӣ тавсиф менамояд. | |

| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- зарурияти такмили ихтисоси касбӣ барои азхудкунии технологияҳои инноватсионӣ ва таҷҳизоти муосир. | |
|---|---|
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- ТС 05-2/01 Истифода намудани технологияи иттилоотӣ-компютерӣ. | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
| 1. Инкишоф додани малакаҳои чӣ гуна саволгузорӣ намудан ва ба он посух додан, андеша ва пайдо кардани ғояҳои нав | 1.1. Инкишоф додани малакаҳои ***савол*** додан аз ҳар нуқтаи назар.<br>1.2.Муайян намудани саволҳои асосӣ/мушкилот бо воситаи манбаи иттилоот ва ғояҳо.<br>1.3.Савол додан ва зери шубҳа гузоштани посухҳои яққолаба.<br>1.4.Пайдо кардани алоқамандии ашё ва падидаҳое, ки аз ибтидо ба ҳам иртибот надоранд.<br>1.5.Маҳорати бовар ва маъқул кунонидани ғояҳои шахсӣ ва нуқтаи назар. |
| 2. Дарёфт намудани роҳҳои ҳалли вазифаҳои гузошташуда ва эҷоди ғояҳои нав | 2.1.Мушоҳида, таҳлил, пурсуҷӯ, ошкорсозии фарзия, ки дар асоси ғояҳо ҷой гирифтаанд.<br>2.2.Истифода намудани манбаи мухталифи иттилоот барои посухҳо, зуд ҷудо намудан ва аз худ кардани маълумоти зарурӣ аз ҳаҷми иттилоот.<br>2.3.Бошуурона ба шакли нав табдил додани иттилоот ва пайдо намудани самтҳои (векторҳои) нави истифодабарӣ.<br>2.4. Бурдани баҳсу мунозираи асоснок бе дуршавӣ аз мавзӯи баррасишаванда.<br>2.5.***Индуктивӣ, дедуктивӣ ва диалектикона фикру андеша намудан.***<br>2.6.Ҳал намудани масъалаҳои гузошта бо ***усули эвристикӣ.***<br>2.7. Дарёфт намудани ғояҳои нав бо роҳи санҷиш, гузаронидани тадқиқот, таҳлили камбудиҳо, омӯзиши вариантҳои зиёди гуногуни қабули қарорҳо. |
| 3. Инкишоф додани малакаҳои тафаккури эҷодӣ | 3.1.Омӯхтан ва истифодаи ***усулҳои тафаккури эҷодӣ*** барои ғояҳои нав ва ноилшавӣ бо мақсадҳо.<br>3.2.Муайян намудани ***масдудкунанда*** (блокатор***)-ҳои тафаккури эҷодӣ.***<br>3.3.Пайдо кардани имкони корбарӣ ва озмоишдиҳӣ, бо истифодабарии тафаккури эҷодӣ дар вазъияти корӣ ва ҳаётӣ дар ҷойҳои шинос ва ношинос.<br>3.4. Муоширaт кардан бо дигарон, гӯш додан ба андешаҳои дигарон оид ба чигуна ғояҳои нав ва тафаккури эҷодиро дастгирӣ ва инкишоф додан, беҳтар кардани тафаккури эҷодӣ. |
| 4. Инкишоф додани тахассуси касбӣ | 4.1.Омӯхтани ***технологияҳои нав.***<br>4.2.Омода будан ба тағйирёбии ***муносибатҳои бозоргонӣ***.<br>4.3.Омӯхтани ***тағйирёбии арзишҳои шахсиятӣ.*** |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - инкишоф додани малакаҳои муошират, дар рафти муошират ошкор кардани фикру ғояҳои нав;<br>- муайянсозии саволи асосӣ ва моҳияти мушкилот; |

| | |
|---|---|
| | - маҳорати саволгузорӣ аз нуқтаҳои мухталиф;<br>- истифода бурдани намудҳои мухталифи тафаккури эҷодӣ;<br>- омӯхтан ва таҳлили доираи васеи иттилоот;<br>- таҳлили моҳияти мавзӯъ;<br>- боадабона ва возеҳ нуқтаи назари хешро баён кардан;<br>- омӯзиш ва худбаамалбарории ошкорсозӣ ва бартараф кардани норасоиҳо дар вазъияти муҳити ношинос;<br>- мунтазам такмил додани сифати салоҳиятнокии худ дар муносибати бозоргонӣ;<br>- истифода бурдани ҳам тафаккури эҷодӣ ва ҳам таҳлилӣ;<br>- мунтазам ба пешрафти тамоюлот дар соҳа ва касб таваҷҷуҳ кардан;<br>- мутобиқ будан ба муҳити ивазшаванда;<br>- такмил додани сифати донишҳои худ;<br>- беҳтар кардани на танҳо фаъолияти касбӣ, аз ҷумла муносибати шахсӣ;<br>- самаранок кор кардан;<br>- муайян намудани технологияи нав дар самти фаъолият;<br>- кор кардан дар даста ва бо ҳамкорон. |
| Донишҳои талабшаванда: | - усулҳои тафаккури эҷодӣ ва истифодабарии онҳо;<br>- муайянсозии масдудкунандаҳои (блокатор) тафаккури эҷодӣ;<br>- таъсири тафаккури эҷодӣ ва таҳлилӣ ба одамон, ташкилот, ҷамъият;<br>- усулҳои таровиш (фильтрация) барои коркарди иттилооти гуногун;<br>- тарзҳои васеъкунӣ ва рушди малакаҳои инфиродии тафаккури эҷодӣ;<br>- тарзҳои васеъкунӣ ва пурра намудани дониш ва маҳорати хеш;<br>- усулҳои амаликунии ғояҳои нав;<br>- роҳҳои ҳалли вазифаҳои гузошташудаи роҳбарияти корхона/ташкилот;<br>- муносибатҳои инноватсионӣ ба омӯзиш ва тарзи тафаккур;<br>- технологияи инноватсионӣ дар истеҳсолот;<br>- тафаккури эҷодӣ дар вазъияти корӣ ва ҳаётӣ дар ҷойҳои шинос ва ношинос;<br>- технологияи инноватсионӣ ва истифодаи он дар истеҳсолот;<br>- роҳҳои такмил додани тахассуси касбӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- мушоҳидакор;<br>- суботкор;<br>- бодиққат;<br>- боирода;<br>- фаъол;<br>- боадабона ва возеҳ нуқтаи назари хешро баён кардан;<br>- аз мушкилот натарсидан. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳоҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯйи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Инкишоф додани малакаҳои чӣ гуна саволгузорӣ намудан ва ба он посух додан, андеша ва пайдо кардани ғояҳои нав | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Инкишоф додани малакаҳои ***савол*** додан аз ҳар нуқтаи назар | | | | | | | | | | | √ |
| 1.2. Муайян намудани саволҳои асосӣ/мушкилот бо воситаи манбаи иттилоот ва ғояҳо | | | | | | | | | | | √ |
| 1.3. Савол додан ва зери шубҳа гузоштани посухҳои яққолаба | | | | | | | | | | | √ |
| 1.4. Пайдо кардани алоқамандии ашё ва падидаҳое, ки аз ибтидо ба ҳам иртибот надоранд | | | | | | | | | | | √ |
| 1.5. Маҳорати бовар ва маъқул кунонидани ғояҳои шахсӣ ва нуқтаи назар | | | | | | | | | | | √ |
| Элементи 2: Дарёфт намудани роҳҳои ҳалли вазифаҳои гузошташуда ва эҷоди ғояҳои нав | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Мушоҳида, таҳлил, пурсуҷӯ, ошкорсозии фарзия, ки дар асоси ғояҳо ҷой гирифтаанд | | | | | | | | | | | √ |
| 2.2. Истифода намудани манбаи мухталифи иттилоот барои посухҳо, зуд ҷудо намудан ва аз худ кардани маълумоти зарурӣ аз ҳаҷми иттилоот | | | | | | | | | | | √ |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2.3. Бошуурона ба шакли нав табдил додани иттилоот ва пайдо намудани самтҳои (векторҳои) нави истифодабарӣ | | | | | | | | | | | √ |
| 2.4. Бурдани баҳсу мунозираи асоснок бе дуршавӣ аз мавзӯи баррасишаванда | | | | | | | | | | | √ |
| 2.5. ***Индуктивӣ, дедуктивӣ ва диалектикона фикру андеша намудан*** | | | | | | | | | | | √ |
| 2.6. Ҳал намудани масъалаҳои гузошта бо ***усули эвристикӣ*** | | | | | | | | | | | √ |
| 2.7. Дарёфт намудани ғояҳои нав бо роҳи санҷиш, гузаронидани тадқиқот, таҳлили камбудиҳо, омӯзиши вариантҳои зиёди гуногуни қабули қарорҳо | | | | | | | | | | | √ |
| Элементи 3: Инкишоф додани малакаҳои тафаккури эҷодӣ | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Омӯхтан ва истифодаи ***усулҳои тафаккури эҷодӣ*** барои ғояҳои нав ва ноилшавӣ бо мақсадҳо | | | | | | | | | | | √ |
| 3.2. Муайян намудани ***масдудкунанда*** (блокатор***)-ҳои тафаккури эҷодӣ*** | | | | | | | | | | | √ |
| 3.3. Пайдо кардани имкони корбарӣ ва озмоишдиҳӣ, бо истифодабарии тафаккури эҷодӣ дар вазъияти корӣ ва ҳаётӣ дар ҷойҳои шинос ва ношинос | | | | | | | | | | | √ |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3.4. Муоширaт кардан бо дигарон, гӯш додан ба андешаҳои дигарон оид ба чигуна ғояҳои нав ва тафаккури эҷодиро дастгирӣ ва инкишоф додан, беҳтар кардани тафаккури эҷодӣ | | | | | | | | | | | √ |
| Элементи 4: Инкишоф додани тахассуси касбӣ | | | | | | | | | | | |
| 4.1. Омӯхтани технологияҳои нав | | | | | | | | | | | √ |
| 4.2. Омода будан ба тағйирёбии муносибатҳои бозоргонӣ | | | | | | | | | | | √ |
| 4.3. Омӯхтани тағйирёбии арзишҳои шахсиятӣ | | | | | | | | | | | √ |

## **Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Саволҳо*** метавонанд бошанд: | - Оё кадом ҳудудҳое вуҷуд доранд, ки онро бояд ба назар гирифт?<br>- Оё ғояи нав вуҷуд дорад, ки метавонад ба ин ҳолат орад?<br>- Чӣ тавр ман метавонистам ин масъаларо ҳал кунам?<br>- Оё дигар тарзи иҷрои он вуҷуд дорад?<br>- Дигарон дар ин ҳолат чӣ тарз кӯшиш мекунанд?<br>- Барои ман чӣ лозим аст, то ки онро беҳтар анҷом диҳам?<br>- Ба ман кадом иттилооти иловагӣ зарур аст?<br>- Ба ман чӣ намерасад? Боз чӣ тақозо карда мешавад?<br>- Бо кӣ онро баррасӣ кунам?<br>- Барои чӣ чунин рух дода истодааст? |
| ***Индуктивӣ, дедуктивӣ ва диалектикона фикру андеша намудан*** *–ифода мекунад*: | - тафаккури индуктивӣ- вақте ки дар асоси як ё якчанд далелҳои хусусӣ ва мушоҳида ҷамъбаст мекунем, қоидаҳои умумӣ мебарорем;<br>- тафаккури дедуктивӣ –усули тафаккур, ки натиҷаи он хулосаи мантиқӣ буда, дар он хулосаи ҷузъӣ аз умумӣ бароварда мешавад;<br>- тафаккури диалектикӣ - кӯшиши якҷояшавии ақидаҳо/ мушоҳидаҳои ба ҳам муқобил ё ихтилофиро тавсиф менамояд. |
| ***Усули эвристикӣ****–*ин: | - эҳтимоли нисбатан беҳтари стратегия ва тактикаи фаъолияти инсон - ҳалкунандаи масъалаҳои эҷодӣ, яъне дар раванди ҳал намудани масъалаҳои муайян чӣ кор кунад ва дар ин сурат чӣ тавр амал кардан зарур аст. |
| Ба ***усули тафаккури эҷодӣ-*** марбутанд: | - хуҷуми зеҳнӣ;<br>- пайдарҳамии амал;<br>- ёрии шабакаи иҷтимоӣ;<br>- ҳаматарафа тасаввур ва андешаронӣ кардан; |

| | |
|---|---|
| | - бозиҳои зеҳнӣ;<br>- инъикоси мутобиқатӣ;<br>- истифодаи маҷоз ва қиёс (аналог)-ҳо;<br>- доираи назар;<br>- визуаликунонӣ. |
| ***Масдудкунанда- ҳои тафаккури эҷодӣ*** мешаванд: | - фарҳангӣ;<br>- эҳсосотӣ;<br>- зеҳнӣ;<br>- атрофиён;<br>- оила;<br>- ғоя ва тасаввуроти мо он аст, ки мо чӣ гуна бояд рафтор намоем;<br>- фишороварии ҳамсолон;<br>- пешгирии таваккал;<br>- андешаи «Дар ин ҷо чӣ гуна онро кардан қабул аст?» |
| Мафҳуми ***технологияи нав*** – ин: | - тағйирёбии технологияи истеҳсолоти таҷҳизот, яъне пешрафти техникии истифодаи технологияи иттилоотӣ, мавод ва ашёи нави таъминкунандаи сатҳи баланди маҳсулоти истеҳсолшаванда, дигаргуншавии муносибати корманд ба кори худ. |
| ***Муносибатҳои бозоргонӣ*** – ин: | - муносибатҳои ташаккулёфтаи иқтисодии байни истеҳсолкунанда, савдогар, харидор, истифодабарандагони мол ва хизматрасонӣ, мақомоти идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ оид ба мубодила, тақсимоти мол ва хизматрасонӣ, ҳавасмандӣ ба рушди рақобат. |
| ***Тағйирёбии арзишҳои шахсиятӣ*** –ин: | - муносибати навгонии на танҳо тағйирдиҳандаи симои тафаккури шахсӣ, балки муносибат ба таълим, ба ҳар гуна кор дар ҷомеъа, қобилияти фавран арзёбии ҳолат дар ҳар гуна муҳит, интихоби варианти беҳтарини амалкунӣ дар асоси таҷрибаи донишҳои нав мебошад. |

## Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Тартиб додани харитаи технологӣ** | **MI 7223-06-3/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди таҳия кардани нақша/тарҳи ҷузъиёт ва ворид намудани амалиётҳои корҳои харротӣ дар харитаи технологӣ тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми тартиб додани харитаи технологӣ. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- ТС 05-2/01 Истифода бурдани технологияи иттилоотӣ-компютерӣ;<br>- МВ 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- MI 7223-02-2/01 Мувофиқ намудани дастгоҳ барои иҷрои корҳои харротӣ;<br>- MI 7223-03-2/01 Мустаҳкам намудани намуна дар дастгоҳ (сентровка). | |

| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
|---|---|
| 1. Таҳия кардани ***тарҳи ҷузъиёт*** | 1.1. Муайян намудани андоза ва шакл ҷузъ.<br>1.2. Муайян намудани талабот ба сатҳҳои ҷузъ.<br>1.3. Тартиб додани тарҳи ҷузъиёт ва мувофиқа намудани он бо |

| | |
|---|---|
| | технолог/муҳандис.<br>1.4. Тартиб додани ***ангораи ҷузъ (эскиз ) дармаҷӯӣ ва гурӯҳӣ.*** |
| 2. Ворид намудани амалиётҳо дар ***харитаи технологӣ*** | 2.1. Ворид намудани намуди коркард ҷузъ дар харитаи технологӣ.<br>2.2. Муайян намудани суръат, дарозӣ ва чуқурии бурриши ҷузъ.<br>2.3. Муайян намудани ***амали банақшагирифташуда*** дар дастгоҳ. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани техникаи бехатарӣ, талаботи ҳифзи меҳнат ва бехатарии сухтор;<br>- хондани нақшаҳои техникӣ ва фаҳмидани рамзҳои гуногуни геометрӣ ва аломатҳои андозагирӣ;<br>- интихоб намудани асбоб ва маводи бурриши мувофиқ вобаста ба намуди қисми коркардшаванда;<br>- таъмин намудани дурустии амалиёт ва истеҳсоли қисмҳо бо андозаи додашуда;<br>- назорат кардани сифати коркард ва қисмҳо бо асбобҳои ченкунӣ ва гузаронидани санҷиши визуалӣ;<br>- санҷидани ҳолати коршоямии дастгоҳ;<br>- иҷро кардани амали банақшагирифташуда дар дастгоҳ. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои риоя намудани техникаи бехатарӣ пеш аз оғози кор;<br>- ҷузъҳои асосии дастгоҳи харротӣ, вазифаҳо ва принсипҳои кори он;<br>- равандҳои асосии коркард, аз қабили тезкунӣ, баровардани рахпеч, шаклсозӣ ва ғайра;<br>- хосиятҳои масолеҳи гуногун ва таъсири онҳо ба раванди коркард;<br>- қоидаҳои назорати сифати коркард ва қисмҳо бо асбобҳои ченкунӣ ва тартиби гузаронидани санҷиши визуалӣ;<br>- қоидаҳои санҷидани ҳолати коршоямии дастгоҳ;<br>- қоидаҳои иҷро кардани амали банақшагирифташуда дар дастгоҳ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- бомасъулият;<br>- эҳтиёткор;<br>- тозакор;<br>- меҳнатдӯст |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элементҳо ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот/case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Таҳия кардани ***тарҳи ҷузъиёт*** | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Муайян намудани андоза ва шакл ҷузъ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Муайян намудани талабот ба сатҳҳои ҷузъ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Тартиб додани тарҳи ҷузъиёт ва мувофиқа намудани он бо технолог/муҳандис | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.4. Тартиб додани ***ангораи ҷузъ (эскиз ) дармаҷӯӣ ва гурӯҳӣ*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Ворид намудани амалиётҳо дар ***харитаи технологӣ*** | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Ворид намудани намуди коркард ҷузъ дар харитаи технологӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Муайян намудани суръат, дарозӣ ва чуқурии буриши ҷузъ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.3. Муайян намудани ***амали банақшагирифташуда*** дар дастгоҳ | √ | | | √ | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Тарҳи ҷузъиёт (чертёж детал)*** - ин: | - тасвири графикии қисм бо андоза, шакл ва талабот ба сатҳҳои он мебошад. |
| ***Ангораи ҷузъ (эскиз)*** - ин: | - ангораи ҷузъ (эскиз),ҷараёни технологӣ барои як ҷузъ не балки барои гурӯҳи ҷузъҳо иҷро карда мешавад, ки метавонанд дар як дастгоҳ ва бо ҳамон як намуд асбобҳои бурандагӣ иҷро шаванд. Ҳангоми ҷудокунии ҷузъҳо дар гурӯҳ шакл, андоза, дақиқӣ ва синфи ноҳамвориҳи сатҳӣ дар назар гирифта мешавад. Дар асоси нақшаи гурӯҳи ҷузъҳо, инчунин нақшаи маҷмӯи ҷузъҳо, ки намуди сатҳҳоро дар бар мегирад сохта мешавад. |

| | |
|---|---|
| ***Харитаи технологӣ*** - ин: | - ин ҳуҷҷатест, ки пайдарпайии амалиёт ва параметрҳои коркардро барои истеҳсоли қисм дар дастгоҳи харротӣ дар бар мегирад. Ин ҳуҷҷат аз ҷониби технолог ё муҳандиси таҳия карда мешавад ва ба харрот барои иҷрои амалиёти мушаххас дода мешавад. |
| ***Амали банақшагирифташуда*** - ин: | - чараёни технологии коркарди механикии барои ҳамин ҷузъи маҷмӯӣ тартиб додашуда, дастгоҳ низ танҳо барои коркарди амалиётҳои ҳамин ҷузъи маҷмӯъ гузошта мешавад. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Тайёр намудани масолеҳ аз рӯйи нақша** | **MI 7223-07-3/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди шиносоӣ бо нақша, интихоби масолеҳ, тақсимоти масолеҳ аз рӯйи нақша ва тарзи коркарди масолеҳро аз рӯйи нақша дар дастгоҳи харротӣ бо риояи техникаи бехатарӣ тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- дар ҷойи кор ҳангоми тайёр намудани масолеҳ аз рӯйи нақша. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- ТС 05-2/01 Истифода бурдани технологияи иттилоотӣ-компютерӣ;<br>- МВ 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- MI 7223-02-2/01 Мувофиқ намудани дастгоҳ барои иҷрои корҳои харротӣ;<br>- MI 7223-04-2/01 Иҷро намудани корҳои равғанмолии дастгоҳи харротӣ;<br>- MI 7223-06-3/01 Тартиб додани харитаи технологӣ. | |

| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
|---|---|
| 1. Шинос шудан бо нақшаи коркарди масолеҳ | 1.1. Омӯхтани нақшаи додашуда.<br>1.2. Интихоб намудани масолеҳ ва ***асбобҳои ченкунанда*** аз руйи нақшаи додашуда.<br>1.3. Муайян намудани андоза ва намуди коркард аз рӯйи нақша.<br>1.4. Омода намудани дастгоҳи харротӣ барои иҷрои кор аз рӯйи нақша. |
| 2. Тақсим намудани масолеҳ аз рӯйи нақшаи додашуда | 2.1. ***Нишонагузорӣ намудани масолеҳ*** аз рӯйи нақшаи додашуда.<br>2.2. Интихоб намудани андоза ва ***намуди коркард.***<br>2.3. Мувофиқ намудани андозаҳо аз рӯйи нақша.<br>2.4. Тайёр кардани масолеҳ аз руйи тақсимоти андозаи дар нақшадодашуда. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани техникаи бехатарӣ пеш аз оғози кор;<br>- тартиб додани нақшаи коркарди ҷузъ;<br>- омода намудани масолеҳ ва асбобҳои ченкунанда аз руйи нақшаи додашуда;<br>- муайян намудани андоза ва намуди коркард аз рӯйи нақша;<br>- омода намудани дастгоҳи харротӣ барои иҷрои кор аз рӯйи нақша;<br>- гузоштани нишонаҳо дар масолеҳ мувофиқи нақшаи додашуда;<br>- муайян намудани андоза ва намуди коркард;<br>- мувофиқ намудани андозаҳо аз рӯйи нақша; |

| | |
|---|---|
| | - тайёр кардани масолеҳ аз руйи тақсимоти андозаи дар нақша додашуда. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои риоя намудани техникаи бехатарӣ пеш аз оғози кор;<br>- тартиби истифодабарии нақшаи додашуда;<br>- тарзи интихоб намудани масолеҳ ва асбобҳои ченкунанда аз руйи нақшаи додашуда;<br>- қоидаҳои муайян намудани андоза ва намуди коркард аз рӯйи нақша;<br>- тарзи омода намудани дастгоҳи харротӣ барои иҷрои кор аз рӯйи нақша;<br>- қоидаҳои нишонагузорӣ намудани масолеҳ;<br>- тартиби мувофиқ намудани андозаҳо ба андозаҳои нақшаи додашуда;<br>- қоидаҳои тайёр кардани масолеҳ аз руйи тақсимоти андозаи дар нақша додашуда. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- бодиққат;<br>- бомасъулият;<br>- эҳтиёткор;<br>- тозакор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

